**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ВБД:339.7 (575.3)**
**ББК:65.9 (2Т)**
**С-21**

**САФАРОВ АБДУМАЛИК АБДУСАТТОРОВИЧ**

# НАҚШИ САРМОЯГУЗОРИИ МУСТАҚИМИ ХОРИҶӢ ДАР ИНКИШОФИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**АВТОРЕФЕРАТИ**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи
илмии номзади илмҳои иқтисодӣ
аз рӯи ихтисоси 08.00.13 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ

Душанбе – 2024

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Саидмуродова Малика Абдуваҳобовна -** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Мирсаидов Аврор Бобоевич -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**Солиева Ҳилола Шодиевна -** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва менеҷменти филиали ДМТТ “МИСИС” дар шаҳри Душанбе

**Муассисаи пешбар:** **Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Ҳимояи диссертатсия дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи «28» сентябри соли 2024, соати 09:00 баргузор мегардад. Суроға: 734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак.

Шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 8, ауд. 102, e-mail: shuro_004@mail.ru, телефони котиби илмӣ: (+992) 918788938

Бо диссертатсия дар Китобхонаи марказии илмӣ ва сомонаи расмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (www.tnu.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «_________» ________________ с. 2024 фиристода шудааст.

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Шамсов И.С.**

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар низоми тадбирҳои таъхирнопазир ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои стратегии инкишофи кишвар, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 пешбинӣ гардидааст, ба ҷалби ҳарчи бештари сармояи хориҷӣ аҳаммияти хоса дода шудааст. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ин маънои махсусан муҳимро касб мекунад, бо назардошти он ки:

- якум, дараҷаи имрӯзаи пасандозҳои дохилӣ ба талаботи маблағгузории саноатикунонии босуръати кишвар, навсозии технологии саноат ва дигар соҳаҳои иқтисодиёти воқеӣ мувофиқат намекунанд;

- дуюм, воридоти сармоягузории хориҷӣ барои рушди иқтисодӣ замина муҳайё месозад, ки ба ин омилҳои зерин мусоидат мекунанд: а) вусъат ёфтани маҷмуи захираҳои молиявӣ, тағйир ёфтани таркиби сифатии онҳо; б) ба мамлакат ҷалб кардани технологияҳои нав, ноу-хау ва таҷрибаи идорӣ; в) афзоиши ихтисоси қувваи кории маҳаллӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ; г) инкишофи робитаҳои корхонаҳои ватанӣ бо шарикони хориҷӣ, аз ҷумла бо роҳи вусъат додани ҳамкории илмию техникӣ, истеҳсолию технологӣ;

- сеюм, воридоти маблағ аз хориҷи кишвар барои бозсозии сохтори ашёии истеҳсолот ва болоравии ҳиссаи соҳаҳои саноати маснуотбарор роҳ мекушояд.

Тасодуфӣ нест, ки шумораи зиёди мамлакатҳои дунё, аз ҷумла Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ) дар шароити рақобати ниҳоят шадид дар соҳаи тақсими дубораи захираҳои молиявии байналмилалӣ ҷиҳати ҷалби маблағгузориҳои хориҷӣ аксар вақт роҳи озодсозии (либерализатсияи) бемислу монанди иқтисодиёти миллиро интихоб менамоянд. Илова бар ин, бояд қайд кард, ки барои ҷалби самараноки сармоя ва ба даст овардани фоида фақат ҳамон озодсозии (либерализатсияи) иқтисод кофӣ нест. Дар ин маврид таъмини фазои мусоиди сармоягузорӣ зарур аст, ки ин дар навбати худ, таҳия ва амалисозии сиёсати нави сармоягузории хориҷиро тақозо менамояд. Сиёсати мазкур бояд ба шароити бозаргонӣ ҷавобгӯ ва ба дарёфти натиҷаҳои ниҳоӣ, яъне баланд бардоштани ҳиссаи сармоягузории мустақими хориҷӣ (СМХ) дар ҳалли ҳадафҳои стратегии кишвар, устуворсозии мавқеи он дар бозорҳои минтақавию ҷаҳонӣ нигаронида шуда бошад. Мулоҳизаҳои дар боло зикршуда мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро тасдиқ мекунанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Илми муосири иқтисод дар соҳаи таҳқиқи проблемаҳои сармоягузориҳои хориҷӣ, усулу шаклҳои иҷро ва нақши онҳо дар рушди иқтисоди кишварҳои мухталиф таҷрибаи назаррас ҳосил кардааст. Дар соҳаи омӯзиши проблемаҳои мазкур олимони зерини хориҷӣ саҳми калон гузоштаанд: Б. Александер, Х. Бирман, Р. Вернон, С. Вилямс, Ҷ. Даннинг, Э. Доллан, И. Иверли, Ҷ.М. Кейнс, Ч. Кинделбергер, Р. Коуз, М.К. Кассон, Д. Линдсей, Р. Нарула, С. Люмей, Ф. Нурксе, М. Познер, М. Портер, Ч. Рейли, Ф.Ҷ. Фаббоцы, С. Хаймер, У. Шарп, С. Шмидт, Й. Штейн ва дигарон.

Доираи васеи масоили маблағгузории иқтисодии хориҷӣ, ташаккул додани сиёсати сармоягузорӣ, фазои мусоиди сармоягузорӣ барои ҷалби дороиҳои хориҷӣ, механизми танзими раванди сармоягузорӣ дар асарҳои олимони зерини Россия ва дигар кишварҳои ИДМ инъикос ёфтаанд: А. Багманова, М. Веслогузова, Н. Вознесенская, Ф. Газизулин, А. Завгородная, Л. Игонина, А. Киреев, В. Ковалев, Н. Киселев, Л. Мухетдинов, Т. Наумова, Н. Парменов, С. Перников, Б. Сапаров, Н. Соловева, Ч. Тупикина, Ю. Федоров, Р. Хасбулатов ва дигарон.

Дар адабиёти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанбаҳои мухталифи сармоягузории хориҷӣ, аз ҷумла сармоягузории мустақими хориҷӣ (СМХ) дар

таҳқиқоти монографию мақолаҳои илмии Н. Қаюмов, Ф. Қодирзода, Т. Назаров, Р. Раҳимов, С. Раҳмонов, Т. Ризокулов, А. Сафоев, Ҳ. Салиева, Ҳ. Умаров, Қ. Хушвахтзода, Х. Ҳофизов, Б. Шарипов ва дигарон мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Масъалаҳои ҷозибанокии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сармоягузорони хориҷӣ, ташаккулёбии фазои сармоягузорӣ, саҳми сармоягузории мустақими хориҷӣ дар низоми маблағгузории берунии иқтисоди кушод дар таҳқиқоти У. Абдуллоев, Т. Ғаниев, Ф. Ғаффоров, Қ. Давлатзода, Г. Зувайдуллоева, З. Иматшоев, Н. Ибодов, С. Исвалиев, Ҳ. Исайнов, М. Каримова, С. Комилов, Н. Қурбонов, Д. Қандиёрова, П. Муҳсинова, Р. Мирбобоев, А. Мирсаидов, Б. Музаффаров, Б. Набиев, Т. Низомова, А. Розиқов, Г. Расулов, Р. Раҷабов, Ш. Раҳимӣ, А. Солиев, А. Солеҳзода, Л. Саидмуродов, М. Саидмуродова, М. Собиров, Б. Сафаров, С. Сафаров, Ф. Сайдаҳмадов, Ё. Тилабов, Қ. Убайдзода, Т. Файзуллоев, Д. Хоҷаев, Х. Хоҷаев, Ҳ. Ҳодиев, Ғ. Ҷурабоев ва дигарон баррасӣ шудаанд.

Саҳми олимони хориҷию ватанӣ дар илми иқтисод оид ба масоили сармоягузории хориҷӣ аз мубрамияти проблемаи таҳқиқот шаҳодат медиҳад. Бо вуҷуди ин, бояд гуфт, ки дар адабиёти иқтисодӣ баъзе масъалаҳои назариявию амалӣ мувофиқи тағйиру табдили бозаргонии иқтисоди миллӣ ба дараҷаи кофӣ инъикос наёфтаанд, ки ин хусусан, ба масъалаҳои зерин тааллуқ дорад: а) таҳлили интиқодии назария ва консепсияҳои сармоягузории хориҷӣ, аз ҷумла СМХ, имконияти шарҳи тамоюлоту тағйири динамика ва сохтори маблағгузории берунӣ дар асоси омилҳое, ки дар назарияҳои мазкур зикр ёфтаанд; б) таҳлили робитаи мутақобилаи вазъи иқтисоди кишвари қабулкунандаи сармоя ва динамикаи воридоти СМХ; в) таҳқиқи аҳаммиятнокии СМХ барои иқтисод, дараҷаи таъсиррасонии онҳо ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодии инкишофи кишвар; г) ташаккул додани сиёсати сармоягузорӣ, ки ба хавфу таҳдиди замони муосир ҷавобгӯ бошад; д) таъмини муносибати мунтазам ба такмили механизми танзими раванди сармоягузории хориҷӣ; е) ҳосил намудани варианти мувофиқтари тақсимоти маблағҳои воридшуда байни бахшу минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Мавҷуд будани ин қабил ва дигар масоили ҳалталаб дар соҳаи таҳқиқотӣ саҳми сармоягузории хориҷӣ, аз ҷумла СМХ дар инкишофи иқтисодиёт, таъсиррасонии онҳо ба динамикаи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар шароити афзоишёбии аҳаммиятнокии маблағгузории берунӣ боиси интихоби самти таҳқиқоти диссертатсионӣ, мақсаду вазифа ва сохтори он гардидаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба Стратегияи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати инкишофи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025, ки сармоягузории бахши воқеии иқтисод ва инфрасохтори истеҳсолию рақамиро аз ҳисоби манбаъҳои дохилӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ пешбинӣ менамояд, робитаи мустақим дорад. Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқот барои татбиқи самараноки Барномаи давлатии инвеститсияҳои давлатӣ, грантҳо ва кумаки техникӣ барои солҳои 2021-2025, ки лоиаҳои мухталифи аз нигоҳи молиявӣ таъмингардида ва ба маблағгузорӣ эҳтиёҷдоштаро дар бар мегирад, равона мегарданд.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқоти** диссертатсионӣ аз муайян сохтани моҳияти сармоягузории мустақими хориҷӣ ва мақому нақши он дар ҳалли масъалаҳои афзалиятноки инкишофи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Дар роҳи расидан ба ин ҳадаф зарурати баррасии масъалаҳои зерин дар назар дошта мешавад:

- таҳлили интиқодии назарияҳои сармоягузории мустақими хориҷӣ(СМХ), робитаи мутақобилаи онҳо бо амалияи ҷалби сармояи хориҷӣ, хосияти тамоюлоту тағйирпазирии динамика ва сохтори СМХ;
- таснифи шаклҳои сармоягузории хориҷӣ дар асоси меъёрҳои дар амалияи ҷаҳонӣ маъмул, муайян сохтани аҳаммияти афзалиятноки шаклҳои мухталифи сармоягузорӣ дар сохтори сармояи хориҷии андӯхташуда;
- арзёбии таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ оид ба ташкили фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ), паркҳои инноватсионию технологӣ ҷиҳати ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва муайян намудани имкониятҳои истифодаи он дар шароити махсусу мушаххаси Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили комплексии сармоягузориҳои хориҷии андӯхташуда, мулоҳизаҳо оид ба арзёбии дараҷаи таъсиррасонии онҳо ба динамикаи нишондиҳандаҳои макроиқтисодии инкишофи ҷумҳурӣ;
- таҳқиқи омилу воситаҳои меъёрию ҳуқуқӣ, молиявӣ ва ташкилии танзими раванди сармоягузорӣ;
- тавсифу шарҳи вазъи мавҷудаи фазои сармоягузорӣ ва ниҳоду омилҳое, ки барои ҷалби сармояи хориҷӣ монеъ мешаванд;
- таҳлилу муайян сохтани принсипҳои асосӣ, самтҳои афзалиятноки сиёсати сармоягузорӣ ва роҳҳои татбиқи онҳо, ошкор кардани роҳҳои баланд бардоштани нақши онҳо баҳри ҳавасмандгардонии талаботу фаъолгардонии сармоягузории инфрасохтори истеҳсолӣ, рақамӣ ва сабз; таҳияи тадбирҳои дахлдор оид ба муносибтар сохтани (оптимизатсияи) механизми танзим ва такмили раванди сармоягузорӣ.

**Объекти таҳқиқоти** диссертатсионӣ – иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти ҷалбкунандаи СМХ, баланд бардоштани нақши он дар ноил шудан ба ҳалли ҳадафҳои афзалиятноки инкишофи иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар.

**Мавзуи таҳқиқот** муносибатҳои иқтисодие мебошанд, ки дар раванди ҷалби сармоя ба иқтисоди миллӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон, ниҳодҳои хаҷагидории он ва мамлакатҳои алоҳида ё гурӯҳи мамлакатҳо, созмонҳои байналмилалӣ ва дигар шарикони хориҷӣ сурат мегиранд.

**Фарзияи таҳқиқот.** Коркарди муқарраротӣ методӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба таъсиси фазои мусоиди сармоягузорӣ дар кишвар ва ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ, ки омили муҳимми тараққиёти иқтисодиёти миллӣ буда, рушди ҳамгироии иқтисодиёти кишварро таъмин менамоянд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** асарҳои илмии олимони иқтисоддон, олимони хориҷию ватанӣ оид ба масъалаҳои ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ дар кишвар, инчунин, натиҷаҳои таҳлилҳои мушаххаси муаллиф оид ба баррасии проблемаи таҳлилшуда ташкил менамоянд.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** усулҳои таҳқиқоти назариявӣ, ҳисобҳои таҳлилӣ, таҳлили муқоисавӣ, монографӣ, таҳлилӣ-омилӣ ва гурӯҳбандии оморӣ ташкил медиҳанд. Усулҳои мазкур барои расидан ба мақсадҳои дар кори илмӣ гузошташуда ва коркарди пешниҳодҳои мушаххаси илмӣ мусоидат менамоянд.

**Сарчашмаи маълумот.** Сарчашмаи иттилоотии кори диссертатсиониро санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолияти сармоягузорӣ, барномаҳои беҳтаргардонии фазои сармоягузорӣ, маҷмуаҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2018-2024 иҷро шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки муҳаққиқ дар асоси таҳлили вазъи муосир ва дурнамои ҷалби СМХ ба иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш кардааст, ки нақши онҳоро дар рушди иқтисоди миллӣ нишон дода, омилҳоеро, ки ба ҷалби сармояи хориҷӣ монеъ мешаванд ва фазои сармоягузории ҷумҳуриро халалдор месозанд, муқаррар намуда, роҳҳои бартараф сохтани онҳоро пешниҳод кардааст.

**Ба натиҷаҳои муҳимтарини ин таҳқиқот, ки навгонии илмӣ дошта, барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, таааллуқ доранд:**

- мураттаб сохтани назарияҳои сармоягузориҳои хориҷӣ, робитаи мутақобилаи онҳо бо амалияи ҷалби СМХ ба иқтисоди миллӣ;

- таҳлили муқоисавии таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар соҳаи бунёду фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ), паркҳои инноватсионию технологӣ ва истифодаи онҳо ба манфиати ҷалби сармояи хориҷӣ ва ҳамгироии фаъолияти илмию техникӣ ва хоҷагидорӣ;

- арзёбии дараҷаи таъсиррасонии сармоягузориҳои мустақими хориҷии андӯхташуда ба динамикаи нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии ҷумҳурӣ;

- арзёбии ҳамаҷонибаи фазои сармоягузории мамлакат дар асоси метод ва нишондиҳандаҳои қиёсии дар илми иқтисод ва таҷрибаи ҷаҳонӣ маъмул;

- таҳлили ҳамаҷонибаи сиёсати муосири сармоягузорӣ, муайян сохтани ҷиҳатҳои мусбату манфии он, роҳҳои такмили механизми танзими раванди сармоягузорӣ ва унсуру воситаҳои он;

- пешниҳоди варианти мувофиқтари оптималии тақсими маблағҳои ҷалбшуда байни соҳаву минтақаҳои мамлакат.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- Назария ва моделҳои асосӣ, ки моҳияту мазмуни сармоягузории хориҷиро дар заминаи робитаи онҳо бо амалияи ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти миллӣ шарҳ медиҳанд;

- Нақши афзалиятноки СМХ дар иқтисоди миллӣ аз мавқеи инкишофи иқтидори истеҳсолию содиротии он, таъмини шуғли пурмаҳсули аҳолӣ;

- Корбасти таҷрибаи хориҷӣ дар соҳаи ташкили МОИ, паркҳои инноватсионӣ ва технологӣ ҷиҳати истифодаи имконпазири он дар шароити мушаххасу махсуси Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Мукаммалгардонии фазои сармоягузорӣ, роҳҳои бартараф намудани омилу ниҳодҳое, ки ба ҷалби сармояи хориҷӣ монеъ мешаванд;

- Хосияти тағйироти динамика ва сохтори сармоягузории хориҷии ба иқтисодиёти кишвар ҷалбшуда. Нақши СМХ-и андӯхташуда дар инкишофи иқтисодиёт, таъсири онҳо ба динамикаи нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии мамлакат.

- Ташаккул додан ва татбиқи сиёсати нави сармоягузорӣ, ки ба шароити бозор мувофиқ ва ба саноатикунонии босуръату навсозии саноати Тоҷикистон, устуворгардонии мавқеи он дар бозорҳои хориҷӣ равона шудааст. Такмили механизми танзими раванди сармоягузорӣ ва воситаҳои он, баланд бардоштани таъсири онҳо ба зиёд намудани ҳаҷм ва суръати сармоягузории истеҳсолию соҳаҳои инфрасохторӣ.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он аст, ки муҳаққиқ таҳлили комплексии нақши СМХ-ро дар рушди иқтисоди миллӣ анҷом додааст, ки хулосаву натиҷагириҳои он барои рушди назарияи ҳаракати байналмилалии сармоя саҳми арзанда доранд. Аҳаммияти амалии мавзуи диссертатсия

дар навгонии илмии он ифода ёфта, хулоса ва тавсияҳои муаллиф, ҳамзамон, барои таҳияи лоиҳаҳои қонунҳо, амалисозии барномаҳои ҳукуматӣ ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба идораи фаъолияти сармоягузорӣ, дастгириву ҳавасмандгардонии маҷмуи талаботи сармоягузорӣ қобили истифода мебошанд.

Маводи тадқиқотӣ имкон дорад аз ҷониби сохторҳои зерин барои ҳалли масоили мухталиф истифода шавад:

- пажӯҳишгоҳҳои илмию тадқиқотӣ ҳамчун замина ҷиҳати пешбурди таҳқиқоти оянда оид ба масоили сармоягузории хориҷӣ;

- муассисаҳои таҳсилотӣ ба тарзи маводи иловагӣ ҳангоми омӯзиши курсҳои таълимӣ ва махсус, монанди «Иқтисодиёти ҷаҳонӣ», «Муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ», «Муносибатҳои асъорию кредитӣ ва молиявии байналхалқӣ», «Фаъолияти байналхалқии сармоягузорӣ», «Тиҷорати байналхалқӣ», «Ҳамгироии иқтисодии байналхалқӣ»;

- муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар раванди омодасозии мутахассисони бакалавр, магистр, доктор PhD, ташкили барномаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳо.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** кифоягии маводи таҳқиқотӣ, дақиқии маълумот, бо гузаронидани таҷрибаҳо, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ асос меёбанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.13 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ дар доираи шиносномаи феҳристи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шудааст ва ба бандҳои зерини он мувофиқат мекунад: 7.2 – Таъмини инкишофи босуботи иқтисодиёти миллӣ ва ҷаҳонӣ: 7.3 – Стратегияи миллии рушди иқтисодӣ; 8.2 – Танзими раванди иқтисодӣ дар сатҳи миллӣ ва байналхалқӣ; 15 – Ҷараёни (селҳои) байналхалқии сармояи қарзӣ, сармоягузориҳои мустақим ва портфелӣ, мушкилоти танзими онҳо дар сатҳи миллӣ ва ҷаҳонӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот чунин аст:**

- таҳлили интиқодии назария ва консепсияҳои сармоягузории хориҷӣ дар гузашта ва замони муосир, мураттаб сохтани омилҳое, ки дар назарияҳои мазкур тавзеҳ дода шудаанд, муайян кардани аҳаммияти онҳо ҷиҳати арзёбии ҷозибанокии мамлакат барои сармоягузорони хориҷӣ, таркиби сифати маблағгузории хориҷии иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таснифи шаклҳои сармоягузории хориҷӣ, муайян намудани аҳаммияти афзалиятноки СМХ барои иқтисодиёт аз нуқтаи назари рушди иқтидори истеҳсолии он, таъмини шуғли аҳолӣ, афзоиши амалиёти содиротию воридотӣ;

- таҳлили ҳамаҷонибаи сохтори ҷуғрофӣ, соҳавӣ ва минтақавии сармояи хориҷии ҷалбшуда, асосноксозии тавсияву пешниҳодҳо оид ба такмили он;

- арзёбии иштироки СМХ дар рушди иқтисоди миллӣ дар асоси ҳисобгузории коэффисиентҳои ҳамбастагӣ, ки дараҷаи таъсири мутақобилаи маҷмуи СМХ-и андӯхташуда ва нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар давраи солҳои 2011-2020 баён мекунанд;

- ошкор намудани камбудиҳои ҷозибанокии мамлакат, фазои сармоягузории он барои СМХ ва роҳҳои бартараф намудани онҳо;

- таҳлили муфассали механизми танзими раванди сармоягузорӣ ва воситаҳои он, пешниҳоди тавсияҳои мушаххас оид ба тақвияти таъсиррасонии онҳо ба фаъолияти

сармоягузорӣ, аз ҷумла зиёд кардани маблағгузории бахши воқеии иқтисод ва соҳаҳои инфрасохтори истеҳсолӣ, иқтисоди рақамӣ ва иқтисоди сабз.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Дар бораи нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конфронсҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ ва амалӣ, семинарҳо ва конфронсҳои назариявии ҳарсолаи профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (2018-2024 с.), ҳамчунин, ҳангоми хондани маърузаҳо дар муассисаи мазкур гузориш дода шудааст, аз ҷумла дар:

- Конфронси илмӣ-амалии «Татбиқи ҳадафҳои рушди устувор: таҷрибаи хориҷӣ ва ватанӣ» - маъруза дар мавзуи: "Нақши сармоягузории мустақими хориҷӣ дар таъмини рушди иқтисоди кишвар". Душанбе, 2020;
- Конфронси илмӣ-назариявии устодону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бахшида ба «Бист соли омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» - маъруза дар мавзуи: "Самтҳои афзалиятнок ва роҳҳои такмили сармоягузории мустақими хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон". Душанбе: 2020;
- Конфронси байналмилалии илмӣ-амалии «Тоҷикистон дар низоми муосири муносибатҳои байналмилалии молиявӣ ва қарзӣ» - маъруза дар мавзуи: "Такмили механизми ҷалби сармоягузорӣ ба иқтисодиёт". Душанбе; DSFEU, 2021.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 9 кори илмӣ дар ҳаҷми умумии 3,8 ҷ.ч., аз ҷумла дар 6 мақола (3 муаллифӣ) дар маҷаллаҳои тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Сохтори диссертатсия бо тарзи аз муҷаррад (обстракт) ба мушаххас таҳия шуда, ба мақсаду вазифаҳои таҳқиқот вобаста мебошад ва муқаддима, се боби фарогири бандҳо, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашударо дар бар мегирад. Матни диссертатсия дар 185 саҳифаи чопи компютерӣ пешниҳод шудааст.

## ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

**Дар муқаддима** мубрамии мавзуи диссертатсия, дараҷаи таҳқиқоти илмии проблемаи мавриди омӯзиш асоснок кардашуда, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, объекту матлаб, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии диссертатсия, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ шарҳ ёфтаанд.

**Дар боби якум – «Асосҳои назариявию методии сармоягузориҳои хориҷӣ ва тамоюлоти инкишофи он»** – назария ва консепсияҳои сармоягузории хориҷӣ ба таври интиқодӣ таҳлилу шаклҳои маблағгузории берунӣ гурӯҳбандӣ шуда, таҷрибаи хориҷӣ дар соҳаи ташкили МОИ, ташаккули паркҳои инноватсионию технологӣ аз нуқтаи назари ҷалби СМХ ба иқтисоди миллӣ ҷамъбаст ва имконоти истифодаи онҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти хусусиятҳои ниҳодҳои анъанавӣ ва муосири он тавзеҳ гардидаанд.

Проблемаи сармоягузорӣ дар илми иқтисодӣ бори нахуст аз ҷониби намояндагони схоластикаи асримиёнагӣ дарк мешавад. Онҳо сармоягузориро (аз лотинии investire – пӯшондан, гузоштан) ба хароҷоти маблағ барои иҷрои ягон кор, фаъолият дар ин ё он шакл мансуб медонистанд. Ҷиҳати ифодаи омили мазкур онҳо ба таомул мафҳуми «сармоя»-ро (аз лотинии capitalis – асосӣ) ворид намуда, тахти он маблағи ибтидоиро дарк кардаанд, ки барои ягон соҳаи фаъолият ба мақсади дарёфти фоида ё даромад ҷудо карда мешавад.

Дар оянда танҳо маблағи барои тиҷорат ва қарз ҷудошударо сармояи асосӣ дониста, он бо истилоҳҳои “сармояи савдогарӣ” ва “сармояи судхӯрӣ” ифода мегардад.

Назарияи сармоя ва сармоягузорӣ минбаъд дар асарҳои илмии намояндагони мактаби классикӣ инкишоф меёбад, ки онҳо нисбати масъалаи мазкур нуқтаи назари ягона надоштанд. Баъзеҳо сармояро ҳамчун захираи андӯхташуда (А. Смит, Ҷ.С. Милл), дигарҳо маҷмуи воситаҳои истеҳсолот (Д. Рикардо, Б. Сей), сеюмиҳо шарти абадӣ ва табиии ҳар кадом тарзи истеҳсолоти ҷамъиятӣ тавзеҳ медиҳанд (Ф. Бастиа ва дигарон).

Умуман, консепсияи сармояи классикҳо ба назарияи меҳнатии арзиш асос меёбад, ки мутобиқи он меҳнат ягона манбаи арзиш ба ҳисоб меравад. Сармоя дар истеҳсоли арзиш иштирок накарда, омили зудҳаракат нест ва аз як мамлакат ба мамлакати дигар намекӯчад, яъне ба хориҷа бароварда намешавад.

Қобили зикр аст, ки намояндагони мактаби классикӣ ба омӯзиши марҳалаи ибтидоии ҷамъияти сармоядорӣ машғул буданд, ки ҳамон вақт дар муносибатҳои байни мамлакатҳо содироти мол бартарӣ дошт. Сармоя, новобаста аз мавҷудияти он, ба хориҷа дар шакли мол бароварда мешавад ва ҳамчун воситаи ҳавасмандгардонии тиҷорату гардиши мол хизмат мекунад.

Дар шакли мукаммалтар назарияи сармоягузорӣ аз ҷониби неоклассикҳо таҳқиқ мегардад. Онҳо проблемаи мазкурро аз мавқеи интихоби варианти сармоягузорӣ бо назардошти омили вақт (Э. Бём - Баверк, И. Вексел, И. Фишер ва дигарон) ё ҳаракати байнисоҳавии захираҳо (Ҷ. Кларк, М. Пигу, И. Валрас, А. Маршалл ва дигарон) баррасӣ намудаанд.

Дар соҳаи таҳлили назарияи сармоягузорӣ саҳми иқтисоддони англис Ҷ.М. Кейнс бебаҳост, зеро ӯ:

- якум, бар хилофи пешгузаштагони худ объекти таҳлилро аз доираи фаъолияти ширкату хоҷагиҳои хонагӣ ба сатҳи макроиқтисод бароварда, ба таомул як катор андозаҳои тағйирёбандаи зеринро ворид намудааст: самаранокии ниҳоии сармоя, мултипликатори сармоягузорӣ, талаботу майли сармоягузорӣ, фазои сармоягузорӣ ва ҳоказо, ки назорати онҳо аз ҷониби мақомоти ҳокимият ва идора имконпазир аст;

- дуюм, мултипликатори шуғли иқтисоддони англис Р.Ф. Канро бо мултипликатори сармоягузорӣ мукаммал намуд, ки мувофиқи он маҷмуи даромад ва талабот ба ҳаҷми умумии сармоягузорӣ вобастагии муайян дорад. Афзоиши даромад, ба фикри ӯ, «ба афзоиши маҷмуи умумии сармоягузорӣ зарби мултипликатор баробар аст»[1];

- сеюм, исбот намуд, ки талаботи сармоягузориро таносуби самаранокии ниҳоии сармоя ва меъёри бозории фоиз муайян мекунад. Ба ақидаи Кейнс, баробари афзоиши сармоягузорӣ тамоюли пастшавӣ пеш меояд, ки ба ин омилҳои зерин таъсир мерасонанд: а) камшавии фоидаи оянда ба як воҳиди сармояи асосӣ; б) афзоиши арзиши барқарорсозии амволи манкул дар раванди истифодаи бошиддати корхонаҳои истеҳсоли ҳамон намуди неъматҳои асосӣ; в) тағйирёбии меъёри фоиз, ки ҳадди поёнии фоиданокии сармоя ба ҳисоб меравад.

Агар самаранокии ниҳоии сармоя аз меъёри воқеии фоиз баланд бошад, дар ин маврид рушди сармоягузорӣ мушоҳида гардида, вобаста ба он даромад ҳам зиёд мешавад. Баробари наздикшавии фоиданокии ояндаи сармоя ба меъёри фоиз фоиданокии он дар ҳар сурат поён рафта, маблағгузорӣ камманфиат мешавад. Дар

[1] Кейнс Дж. М. Общая теория занятости, процента и денег // Антология экономической классики. Т 2. – М.: Эконов-ключ, 1993. – С. 231.

мавриди баробаршавии нишондиҳандаҳои маълум сармоягузорӣ имконнопазир мегардад.

- чорум, бар хилофи пешгузаштагон, ки барзиёдии андӯхти сармояро сабаби асосии ба хориҷа баровардани он ҳисоб мекарданд, Кейнс манбаи содироти сармояро дар пасандозҳои дархостнашуда ошкор сохта, қайд менамояд, ки он барои содироти сармоя ҳамчун иқтидор хизмат мекунад ва агар дар дохили мамлакат истифода нашуда, боқӣ монад, дар ин маврид, таҳдиди буҳрони коҳиши фаъолияти сармоягузорӣ рӯй медиҳад.

Дар иртибот ба ин, Кейнс риоя намудани баробарии пасандозу (S) сармоягузориро (I) зарур мешуморад, яъне (S=I). Лекин таҳлили нишондиҳандаҳои мазкур аз ҷониби Кейнс ба набудани пешрафти техникӣ ва робитаи иқтисоди воқеӣ бо бозори ҷаҳонӣ асос меёбад. Дар ин ҳолат барзиёдии пасандоз нисбати сармоягузорӣ (S>I) ба барзиёдии андӯхти сармоя, истифодаи нопурраи иқтидорҳои истеҳсолӣ ва пастравии фаъолияти сармоягузорӣ оварда мерасонад. Баръакс, барзиёдии сармоягузорӣ нисбати пасандоз (I>S) боиси «тафсидани» иқтисод ва болоравии нарх мегардад.

- панҷум, тасдиқ мекунад, ки талабот ба сармоягузории хориҷӣ на фақат дар кишварҳои ба норасоии андӯхт дучоршуда, балки дар давлатҳои сармояғунҷоиши калон, ки дар бозорҳои ҷаҳонӣ бомуваффақият фаъолият мекунанд, низ ҷой дорад. Хулосаи мазкур дар он давра ғайримуқаррарӣ ба назар мерасид, зеро дар замони Кейнс сармоя бештар аз мамлакатҳои мутараққӣ ба кишварҳои сусттараққикарда содир мегардид. Кейнс имконияти самти дигари ҳаракати сармояро ошкор менамояд: дар сурате, ки худи мамлакатҳои саноатӣ ба сармоягузории хориҷӣ талаботи доимоафзоянда пешниҳод кунанд.

Баъди Кейнс назарияи сармоягузории ӯ тағйири ҷиддӣ ёфта, дар шакли таълимоти неокейнсионӣ сифати нав касб мекунад. Дар доираи ҳамин равияи тафаккури иқтисодӣ баъзе муҳаққиқон робитаи неокейнсиониро бо неоклассикӣ таъкид намуда, ба ташаккули назарияи таҷзияи (синтези) неоклассикӣ асос гузоштаанд. Намояндагони назарияи мазкур таълимоти неокейнсиониро як воқеаи тасодуфӣ дар иқтисод ҳисоб мекунанд, ки он дар шароити номукаммалии бозор рӯй медиҳад, яъне афзоиши пешниҳод дар бозори пул минбаъд ба меъёри фоиз, аз ҷумла ба сармоягузорӣ таъсир намерасонад. Дигарҳо навгонии назарияи Кейнсро қайд намуда, онро мувофиқи шароити давраи баъдиҷангӣ ривоҷ доданд ва моделҳои макроиқтисодии рушди иқтисодиро таҳия намуданд.

Дар солҳои охир назарияҳои нави сармоягузорӣ пеш омадаанд, ки онҳо аз ҷониби диссертант ба се гурӯҳи асосии зерин ҷудо карда шудаанд: а) назарияҳои макроиқтисодӣ; б) назарияҳои микроиқтисодӣ; в) назарияҳои инкишоф. Таснифи назарияҳои мазкур дар расми 1 оварда шудааст.

Дар байни назарияҳои макроиқтисодӣ назарияи бозорҳои сармоя кӯҳнатарин ҳисобида мешавад. Тибқи он сармоягузорони хориҷӣ ҳамкориро бо кишварҳое афзалтар медонанд, ки дорои омилҳои зерин бошанд: а) боздеҳи аз ҳама баланди сармоя, барзиёдии захираҳои табиӣ, қувваи корӣ нисбати сармоя; б) системаи мутараққии молиявию инфрасохторӣ; в) сиёсати самараноки иқтисодӣ ва низоми миллии пешгӯишаванда, ки ба рушди иқтисод мусоидат мекунад.

Назарияи институтсионалӣ ҷиҳати ҷалби СМХ, истифода ва нигоҳдошти он ба истилоҳ «пирамидаи барои сармоягузории мустақими хориҷӣ коршоям»-ро пешниҳод мекунад, ки чор бахши асосиро дар бар мегирад: иҷтимоию фарҳангӣ; таҳсилотӣ;

бозорӣ; мақомотӣ. Дар ҳамаи ин чор соҳаи маъмул баъзе мамлакатҳо шояд бартарӣ, дигарҳо камбудӣ дошта бошанд.

| Назарияҳои сармоягузорӣ, аз ҷумла СМХ | | |
|---|---|---|
| Назарияҳои макроиқтисодӣ | Назарияҳои микроиқтисодӣ | Назарияҳои инкишоф |
| Назарияи бозорҳои сармоя | Назарияи бартарии махсуси ширкат | Назарияи инкишофи сармоягузорӣ |
| Назарияи макроиқтисодии динамикӣ | Назарияи аксуламали олигополӣ | Модели байналмилалишавии сармоягузории мустақим |
| Назарияи институтсионалӣ | Назарияи интерналӣ | Модели ҷопонии сармоягузории мустақим |
| Назарияе, ки сармоягузориро ба қурби асъор ва омилҳои дигар пайваст мекунад | Консепсияи эклектикии Ҷ. Даннинг ва И. Штейн | Назарияи даври истеҳсоли байналмилалии мол |

**Расми 1. Таснифи назарияҳои сармоягузорӣ, аз ҷумла сармоягузории мустақими хориҷӣ ва таркиби онҳо.**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси гузаронидани таҳқиқоти назариявӣ.

Тибқи назарияе, ки сармоягузориҳои мустақими хориҷиро ба қурби асъор пайваст мекунад, арзиши пули миллӣ дар натиҷаи таъсири тағйирёбии (ноустувории) бозори сармоя коҳиш ё афзоиш меёбад. Дар мавриди аввал сармоягузории хориҷӣ афзун гашта, хатари фирори сармояи миллӣ аз кишвар мушоҳида мешавад, зеро беқурбшавии асъори миллӣ дар шароити идомаи рушди иқтисодӣ барои сармоягузории хориҷӣ муҳити мусоид фароҳам меоварад. Аз тарафи дигар, сармоягузори хориҷӣ дар натиҷаи табодули маблағҳои худ ба маҷмуи бештари асъори миллӣ ба фоидаи иловагӣ ноил мегардад. Дар ҳолати дуюм, воридоти сармоягузории хориҷӣ маҳдуд шуда, фирори сармояи миллӣ тақвият меёбад, ки дар ниҳоят мамлакат иқтидори содиротиро аз даст медиҳад, гарчанде шароити адо кардани қарзи берунӣ беҳтар мегардад.

Назарияҳои микроиқтисодӣ ба номукаммалии сохтори бозор асос ёфта, тасдиқ мекунанд, ки ширкатҳо:

- якум, ба сармоягузории хориҷӣ ба мақсади дар кишварҳои дигар татбиқ намудани бартариятҳои рақобатии худ машғул мешаванд. Ба ин бартариятҳо тааллуқ доранд: дастрас будани манбаъҳои маблағгузорӣ, технологияи нав ва ноу-хау, истифодаи тамғаи тиҷоративу намунаҳои саноатии маълуму эътирофшуда, маркетингу менеҷменти мутараққӣ, имконияти муносибсозии (оптимизатсия) низоми сармоягузорию андозбандӣ;
- дуюм, воридшавии онҳо ба бозорҳои хориҷӣ ба робитаи мутақобилаи иттилооту номукаммалии сохтори бозор ва интернатсионалишавии (байналмилалишавии) бозори молҳои мобайнӣ асос меёбанд. Он дар шакли СМХ танҳо дар сурати барзиёд шудани фоидаи он нисбати хароҷоти коммуникатсионӣ, ҳамоҳангсозӣ ва назорат татбиқ мегардад;

- сеюм, дар хориҷа шабакаи васеи намояндагию шуъбаҳо доранд, ки бозори ягонаи «дохилии» ширкатро ташкил медиҳанд ва тавассути қонунҳои дохилии он идора мешаванд;

- чорум, бо қарори худ дар бораи СМХ ба амалиёти эҳтимолии рақибон дар бозор таъсир мерасонанд.

Як қатор омилҳои дигар, ки ҷозибанокии кишварро барои СМХ муайян мекунанд, дар назарияҳои инкишоф ҳузур доранд, ки дар байни онҳо се консепсияи зерин васеъ маъмул мебошад: якум, давраи истеҳсоли байналмилалии мол, ки аз ҷониби олими фаронсавӣ Р. Вернон пешниҳод шудааст; дуюм, роҳи инкишофи сармоягузории Ҷ. Даннинг ва олими ҳолландӣ Р. Наруло; сеюм, модели ҷопонии СМХ.

Тибқи консепсияи якум ширкати нововар инҳисори технологиро нигоҳ дошта, давраи ҳаёти молро аз ҳисоби истеҳсоли он дар хориҷа дароз менамояд. Консепсияи дуюм вобастагии сармоягузориро ба дараҷаи рушди кишвар баён менамояд. Тибқи консепсияи сеюм, марҳалаи инкишофи мамлакат ҳамчун омили ҷалби СМХ баррасӣ карда мешавад.

Аз таҳлили назарияҳои сармоягузории хориҷӣ бармеояд, ки ба раванди қабули қарор оид ба СМХ шумораи зиёди омилҳо таъсир мерасонанд, ки дар парадигмаи ба истилоҳ эклектикии иқтисоддони англис Ҷ. Даннинг ба системаи муайян даровларда шудаанд. Тибқи парадигмаи мазкур ширкат бояд се гурӯҳи бартариятҳои дар худ доштаашро дар бозорҳои хориҷӣ намоиш диҳад: Q – бартариятҳое, ки ба истифодаи омилҳои истеҳсолот, хусусиятҳои сохторию ташкилӣ ва стратегияи коршоям вобаста мебошанд; I – бартариятҳое, ки ҳангоми истифодаи шабакаҳои худӣ дар раванди байналмилалишавӣ ва ба бозорҳои бегона баровардани молу истеҳсолот ба вуҷуд меоянд; L – бартариятҳое, ки аз ҷониби мамлакати қабулкунандаи сармоя ба сармоягузорон дар шакли андозбандии имтиёзнок, қонунгузории сифатнок, иштироки давлат дар маблағгузории муштараки лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва хизматрасонии инфрасохторӣ пешниҳод мешаванд.

Дар таснифоти омилҳо, ки Ҷ. Даннинг анҷом додааст, ба бартариятҳои гурӯҳи дуюм диққати махсус додан лозим аст, зеро барпо кардани шабакаҳои ширкат дар хориҷа ба рушди содироти сармоя мусоидат намуда, раванди тавсеаталабии иқтисодиро осону ривоҷ медиҳад. Аз ин лиҳоз, ба мамлакатҳои сармоягиранда тавсия дода мешавад, ки танҳо ба умеди захираҳои фаровону арзон, аз ҷумла қувваи корӣ нашаванд. Дар соҳаи ҷалби СМХ, дар навбати аввал, ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ ва эътимоднокии таҳкурсии ҳуқуқӣ бояд мавриди диққати махсус қарор гирад.

Дар заминаи парадигмаи Ҷ. Даннинг олими олмонӣ Й. Штейн се тарзи имконпазири татбиқи экспансияи беруниқтисодиро пешниҳод мекунад: фурӯши иҷозатномаҳо (литсензияҳо); содироти мол; сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ.

Дар мавриди бартариятҳои якум (Q) ширкат метавонад аз ҳамаи се тарзи имконпазир истифода барад. Дар шароити бартариятҳои дуюм (I), яъне агар ширкат дорои шабакаҳои васеи равонакунандаи мол ба бозорҳои нав буда, дар соҳаи технология ва ноу-хау бартарӣ надошта бошад, пас фаъолияти иҷозатномадиҳиро ба роҳ монда наметавонад, зеро барои амалисозии стратегияи мазкур захираи лозимиро дар ихтиёр надорад. Ҳамзамон, агар кишвари қабулкунанда ба сармоягузори хориҷӣ имтиёзҳои ҷолиброр пешниҳод намояд, дар ин маврид, ширкат сармоягузории мустақимро афзал мешуморад.

Аз таҳлили асосҳои назариявии сармоягузории хориҷӣ дида мешавад, ки дар адабиёти муосир шарҳи ягонаи моҳияти иқтисодии категорияи мазкур вуҷуд надорад.

Назарияи сармоягузорӣ, хусусан нисбати динамикаи воридоти СМХ, сохтори тақсимоти онҳо байни соҳа ва бахшҳои мухталифи иқтисоди миллӣ то охир омӯхта нашудаанд. Ҳол он ки ҳар кадом соҳа ва бахши иқтисод ба худ хислатҳои хоси такрорнашаванда доранд, ки ҳангоми арзёбии саҳми СМХ дар таъмини рушди иқтисоди кишвар бояд мавриди эътибор қарор гиранд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳти мафҳуми сармоягузории хориҷӣ ҳамон маблағи сармоя фаҳмида мешавад, ки аз ҷониби сармоягузори хориҷӣ мувофиқи мақсаду муҳлати муайян барои объектҳои моддию ғайримоддӣ бо тамоми шаклҳои он ва ба хотири ба даст овардани фоида (даромад), афзоиши маҷмуи маҳсулот, фурӯш, захираҳои молиявӣ ва дарёфти самараҳои дигар, ки на ҳамеша ба манфиати иқтисодӣ вобаста мебошанд, ҷудо карда мешаванд. Бар замми ин, муаллиф аломатҳои зерини сармоягузории хориҷиро таъкид мекунад: а) серамалиёт ва мувофиқи мақсад будани он; б) бисёршаклии мақсаду соҳаҳои маблағгузорӣ; в) гуногунии манбаъҳои сармоягузорӣ; г) таваккалӣ будану муҳлатнокии он.

Ҳангоми таснифоти шаклҳои сармоягузории хориҷӣ, ба андешаи муаллиф, ҷудо кардани сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ, портфелӣ ва сармоягузориҳои дигар аҳаммияти бештар доранд, чунки онҳо аз рӯи мақсаду мароми худ аз дигар шаклҳои сармоягузорӣ фарқ карда, ба иқтисоди миллӣ ҳарчи бештар таъсири қатъӣ мерасонанд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусан, сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ аҳаммияти хосса доранд, зеро:

- якум, онҳо бештар муқаррарӣ буда, ба инкишофи иқтидори истеҳсоливу содиротии кишвар, воридотивазкунӣ, технология ва сармояи инсонӣ, таъмини шуғли босамари аҳолӣ таъсири мусбат мерасонанд;
- дуюм, дар ҷумҳурӣ ба сармоягузории портфелӣ (ба истиснои вомбаргҳои давлатӣ) ҳаҷми ниҳоят хурд хос аст, ки мустақиман ба дараҷаи ғайрикофии инкишофи бозори фонд, номукаммалии механизми суғуртаи хавфҳо ва ғайришаффоф будани сохторҳои интишордиҳандаи коғазҳои қиматнок вобаста мебошад.

Дар баробари ин, бояд гуфт, ки дар назария ва амалияи сармоягузории хориҷӣ оид ба масъалаи муайян намудани андозаи бастаи (пакети) саҳмияҳое, ки назоратро аз болои корхона таъмин карда метавонанд, тафовути зиёди афкорӣ ба назар мерасад. Тибқи тавсияи ЮНКТАД сармоягузори хориҷӣ дар сурате мустақим ба ҳисоб меравад, ки агар молики хориҷӣ на кам аз 10% арзиши сармояи оинномавии ҷамъияти саҳомиро дар ихтиёр дошта бошад. Аммо ин тавсия универсалӣ нест ва соҳиб будан ба 10% овозҳо меъёри қатъии мустақим донистани сармоягузорӣ ҳисобида намешавад.

Аз ин рӯ, на ҳамаи кишварҳо онро дар омори худ пурра ба инобат мегиранд. Масалан, кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ин меъёрро ба ҳисоби миёна 20-25%, Россия, Тоҷикистон ва дигар давлатҳои ИДМ – 10%, Канада, Австралия, Зеландияи Нав 50% муқаррар кардаанд.

Дар ин росто, пешниҳоди иқтисоддонон қобили таваҷҷуҳ дониста мешавад, ки тибқи он сармоягузори мустақим бояд на фақат 10 фоизи сармояи оинномавии корхона, балки на кам аз 10 фоизи саҳмҳои ба овоз гузошташударо тасарруф намояд. Танҳо бо ин роҳ манфиати дарозмуддати иқтисодии сармоягузор таъмин гашта, муносибатҳои дарозмуҳлати сармоягузорони воқеӣ ва корхонаҳо танзим карда мешаванд. Ҳамзамон, ҷорӣ кардани дараҷаи зарурии идоракунии объекти сармоягузорӣ имконпазир мегардад.

Муаллиф таҷрибаи як қатор кишварҳо, аз ҷумла давлатҳои ИДМ-ро, ки тавассути ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ, паркҳои инноватсионӣ ва технологӣ сармоягузориҳои хориҷиро ҷалб мекунанд, аз мавқеи интиқодӣ таҳлил намуда,

пешрафту норасоиҳои фаъолияти онҳоро кушоду равшан нишон медиҳад, ки ҳангоми истифодаи он дар шароити Тоҷикистон бояд ба инобат гирифта шаванд. Ба андешаи муаллиф, кӯшиши истифодаи механикӣ ва шитобкоронаи таҷрибаи бегона, ки дар дигар шароити институтсионалӣ самарабахшии худро нишон додааст, бе назардошти тамоми хусусиятҳои иқтисоди ҷумҳурӣ, институтҳои анъанавӣ ва муосири он қобили қабул нест.

**Дар боби дуюм – «Вазъи муосир ва арзёбии саҳми сармоягузории мустақими хориҷӣ дар инкишофи иқтисоди кишвар»** – динамика ва сохтори сармоягузории хориҷии андӯхташуда дар тӯли 20 сол (2001-2021) таҳлил гардида, робитаи мутақобили андозаи СМХ ва нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии инкишофи ҷумҳурӣ, асосҳои иқтисодию институтсионалии ташаккули фазои сармоягузорӣ равшан карда шудаанд.

Динамикаи сармоягузории хориҷӣ дар иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми ду даҳсолаи охир тамоюли намоёни болоравиро нишон медиҳад. Арзиши умумии сармоягузории хориҷии андӯхташуда дар соли 2021 қариб ба 6,5 млрд доллари амрикоӣ мерасад, ки ин аз нишондиҳандаи миёнаи дахлдори солҳои 2011-2015-ум 1,6 баробар ва солҳои 2001-2005-ум 14,8 баробар зиёд аст (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Динамикаи сармоягузории хориҷӣ дар иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2001-2021 (ба ҳисоби миёна дар як сол)**

| Номгӯи нишондиҳандаҳо | Воҳиди ҳисоб | С О Л Ҳ О | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2001 2005 | 2006 2010 | 2011 2015 | 2016 2020 | 2021 |
| **Ба аввали соли ҳисоботӣ сармоягузории хориҷии андӯхташуда – ҳамагӣ** | **млн. дол.** | 437,8 | 1598,2 | 3981,0 | 30123,2 | 6367,0 |
| **Ҳамон бо % дар нисбати солҳои 2001-2005** | **%** | 100 | 365,0 | 909,3 | 6880,5 (15,7 бор) | 1454,3 |
| **Аз ҷумла:** | | | | | | |
| **аз ҷумла сармоягузории мустақими хориҷӣ** | **млн. дол.** | 226,9 | 951,2 | 2195,8 | 18171,1 | 3653,8 |
| **Ҳамон бо % дар нисбати солҳои 2001-2005** | **%** | 100 | 419,2 | 967,7 | 8008,4 (35,2 бор) | 16,1 |
| **Сармоягузории портфелӣ** | **млн. дол.** | - | - | 25,9 | 1807,6 | 109,8 |
| **Ҳамон бо % дар нисбати солҳои 2011-2015** | **%** | 0 | 0 | 100 | 100 | 100 |
| **Сармоягузории боқимонда** | **млн. дол.** | 210,9 | 647,0 | 1759,3 | 10144,5 | 2149,7 |

**Сарчашма:** дар асоси маълумоти зерин ҳисоб шудааст: Внешнеэкономическая деятельность Республики Таджикистан в 2019 г. – Душанбе, 2019. – С. 562-564; Тоҷикистон: 30-соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуъаи оморӣ. – Душанбе, 2021. – С. 372-373. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2023. С.241

Ба сифати шарҳи ҷадвали 1 баъзе иловаю мулоҳизаҳои зеринро мухтасар ифода кардан мумкин аст:

- якум, ба динамикаи сармоягузории хориҷии андӯхташуда омилҳои зерин, аз ҷумла омилҳои дар назарияҳои сармоягузории хориҷӣ зикрёфта таъсири мусбат расониданд, ки ба онҳо тааллуқ доранд: а) тағйири ҷиддии тамоюли манфии таназзули истеҳсолот ва коҳиши даромади воқеии аҳолӣ; б) афзоиши андозаи умумии талабот ва қобилияти харидории аҳолӣ; в) афзудани воридоти даромад аз андоз ба буҷети давлатӣ; г) фароҳам овардани таҳкурсии институтсионалӣ, аз ҷумла заминаи ҳуқуқӣ ва ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ;

- дуюм, дар таркиби сармоягузориҳои хориҷӣ аз рӯйи суръати афзоиш СМХ бартарӣ дорад ва тамоюли болоравии ҳиссаи он дар арзиши сармоягузории андӯхташуда ба назар мерасад. Вазъи қиёсии сармоягузории қарзӣ то як дараҷа поён рафтааст, гарчанде ки то ҳол хеле назаррас боқӣ мемонад. Сармоягузории қарзӣ, ба фикри муаллиф, аз воситаҳои пулии муҳлатноку музднoки баргардонидашаванда иборат буда, дар ниҳоят ба пайдоиши қарзи берунӣ ва афзоиши он оварда мерасонад;

- сеюм, дар соли 2020 бештари сармояи хориҷӣ ба саноат (27,2%) ҷалб гардида, аз он барои ба саноати истихроҷ 18,2 фоиз ва барои соҳаҳои маснуотбарор ҳамагӣ 9,0 ҷудо карда шудааст. Барои шарҳ додани сохтори соҳавии ташаккулёфтаи сармоягузории хориҷӣ парадигмаи эклектикии Ҷ. Даннинг аҳаммияти калон дорад. Гумон меравад, ки сармоягузорони хориҷӣ OLI – бартариятҳоро дар захираҳои нисбатан фаровони табиии Тоҷикистон, хусусан истихроҷи маъдан, металлҳои камёфт, сангҳои қимату нимқиматбаҳо мебинанд, ки онҳоро барои сармоягузорӣ ба саноати кӯҳӣ ҳавасманд мегардонанд. Ин равандро дар мисоли бахши молиявии иқтисод, ки ҳиссаи он дар сохтори сармоягузории ҷамъшуда қариб 32 фоизро ташкил медиҳад, низ дидан мумкин аст.

Ба андешаи мо, таносуби имрӯзаи ташаккулёфтаи сохтори соҳавии сармоягузории хориҷӣ метавонад самти ашёии иқтисоди мамлакатро дар оянда нигоҳ дорад, ки ин ба сиёсати саноатикунонии босуръат мувофиқат намекунад ва боиси ақибмонӣ дар соҳаи истифодаи технологияҳо ва истеҳсоли намудҳои нави маҳсулот мегардад. Аз ин рӯ, ҷоннок намудани СМХ ба соҳаҳои саноати маснуотбарорӣ боз ҳам афзалиятнок боқӣ мемонад;

- чорум, сармоягузорони хориҷӣ ба соҳаҳои фондталаби бахши воқеии иқтисод, ки дар айни замон дар вазъияти начандон хуб қарор доранд, майли равона кардани сармояро надоранд. Шояд аз хавфу даромаднокии пасти аксарияти корхонаҳои бахши воқеӣ ва давомнокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи таҷдиди техникии истеҳсолоти маснуотбарорӣ, бинобар ин, рақобати нисбатан баланд бо истеҳсолкунандагони мамлакатҳои бештар босубот худдорӣ мекунанд.

- панҷум, дар тақсимоти ҷуғрофии сармоягузории хориҷии андӯхташуда номгӯи сармоягузорони асосӣ солҳои охир нисбатан бетағйир мемонад. Дар ин маврид сатҳи баланди нишондиҳандаи сармоягузории андӯхташуда ҷой дорад, ки аз Хитой, Россия, Британияи Кабир ва мамлакатҳои араб ҷалб шудааст;

- шашум, дар сохтори минтақавӣ зиёда аз 80 фоизи сармоягузории хориҷӣ ба шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд ва вилояти Хатлон ворид шудааст, ки инфрасохтори мутараққии бозаргонӣ, қобилияти бештар васеи харидорӣ вуҷуд дошта, аксарияти корхонаҳои муштарак бо иштироки сармояи хориҷӣ таъсис ёфтаву фаъолият мекунанд.

Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ки инфрасохтори мукаммал надоранд ва нарасоии кадрҳои соҳибихтисос эҳсос мегардад, аз лиҳози ҷалби сармоягузории хориҷӣ қафо мондаанд. Бинобар ин, муаллиф ба ноҳияҳои сусттараққикарда равона кардани сармояи хориҷӣ, аз ҷумла СМХ-ро ҷиҳати

дар заминаи захираи обҳои минералии гарми теризаминӣ, лойҳои табобатӣ ва дигар боигариҳои табиӣ, хусусан сангҳои қиматбаҳо ва нимқиматбаҳо, бунёд кардани комплексҳои санаторию курортӣ, сайёҳӣ, инкишофи кӯҳнавардӣ, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва масолеҳи сохтмониро мувофиқи мақсад мешуморад.

Муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ бо мақсади арзёбии нақши сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар рушди иқтисодиёт коэффитсиентҳои ҳамбастагиро (коррелятсиониро), ки дараҷаи таъсири мутақобилаи СМХ ва нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодиро ифода мекунанд, ҳисоб намудааст.

Ин амал дар асоси қаторҳои динамикии ҷадвали 2 иҷро шудааст.

Дар ҷадвали 2 арзиши СМХ андӯхташуда ба сифати аломат – омили таъсиррасон (х) баҳо дода мешавад, ки ба тағйири он табдилёбии нишондиҳандаҳои макроиқтисодии дахлдор вобаста мебошад (у). Шумораи гурӯҳи динамикӣ даҳ солро дар бар мегирад. Имкон дорад, ки дар нишондиҳандаҳои миёнаи ҳар як гурӯҳ таъсири омилҳои дигар (бидуни СМХ) ба қадри муайян рафъ шаванд.

**Ҷадвали 2. – Сармоягузории мустақими хориҷӣ ва нишондиҳандаҳои макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2011-2020**

| **Солҳо** | **Номгӯи нишондиҳандаҳо** | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **СМХ андӯхташуда** | **ММД (млн долл.)** | **Гардиши савдои хориҷӣ (млн долл.)** | **Аз ҷумла** | | **Музди кор ба ҳисоби миёна дар як моҳ (долл.)** | **ММД ба як нафар машғулин (долл.)** | **Шумораи машғулин ба ҳисоби миёна дар** | **Маблағгузории фонди оинномавӣ (млн долл.)** |
| | | | | **Содирот (млн долл.)** | **Воридот (млн долл.)** | | | | |
| **2011** | 1566,7 | 6601,8 | 4463,3 | 1257,3 | 3206,0 | 95,9 | 2935,4 | 2249,0 | 1374,5 |
| **2012** | 1755,7 | 7679,9 | 5138,1 | 1359,7 | 3778,4 | 116,6 | 3352,2 | 2291,5 | 1458,2 |
| **2013** | 2291,4 | 8597,7 | 4988,8 | 943,4 | 4045,4 | 145,8 | 3726,8 | 2307,3 | 1585,1 |
| **2014** | 2580,2 | 9348,4 | 5274,7 | 977,3 | 4297,4 | 165,4 | 4020,8 | 2325,4 | 1792,1 |
| **2015** | 2785,5 | 8367,3 | 4326,2 | 890,6 | 3435,6 | 142,6 | 3516,1 | 2379,7 | 1878,0 |
| **2016** | 3245,7 | 7070,3 | 3929,9 | 898,7 | 3031,2 | 122,8 | 2965,5 | 2384,2 | 2222,3 |
| **2017** | 3584,8 | 7616,5 | 3972,9 | 1198,0 | 2774,9 | 133,8 | 3710,6 | 2407,0 | 2156,7 |
| **2018** | 3631,7 | 7848,9 | 4224,3 | 1073,3 | 3151,0 | 134,8 | 3235,3 | 2426,0 | 2311,9 |
| **2019** | 3948,4 | 8385,2 | 4523,7 | 1174,4 | 3349,3 | 140,1 | 3404,5 | 2463,0 | 2359,3 |
| **2020** | 3760,5 | 8094,6 | 4557,8 | 1406,9 | 3150,9 | 135,0 | 3230,1 | 2506,0 | 2236,6 |
| **10** | **29150,6** | **80925,4** | **45399,7** | **11179,60** | **34220,1** | **133,3** | **3408,9** | **2373,9** | **19374,7** |

**Сарчашма:** дар асоси маълумоти зерин ҳисоб шудааст: Тоҷикистон: 30-соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, 2021. – С. 562-564; 372-373; Внешнеэкономическая деятельность Республики Таджикистан в 2019 г. – Душанбе, 2019. – С. 10-12.

Натиҷаи ҳисоби коэффисиентҳои ҳамбастагии СМХ ва нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии инкишофи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 3 оварда шудааст.

**Ҷадвали 3. – Натиҷаи таҳлили ҳамбастагии вобастагии мутақобилаи СМХ ва нишондиҳандаҳои макроиқтисодии инкишофи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Вобастагии тадқиқшуда | Аҳаммияти (маънои) коэффисиентҳои вобастагӣ | Алоқа | Хосияти алоқа | Санҷиши натиҷа аз рӯйи саҳеҳии (дурустии) оморӣ (+,-) |
|---|---|---|---|---|
| **СМХ ва ММД** | 0,94 | Пуртаъсир | Мустақим | + |
| **ММД ва СМХ** | 0,92 | Пуртаъсир | Мустақим | + |
| **СМХ ва гардиши савдои хориҷӣ** | 0,74 | Пуртаъсир | Мустақим | + |
| **СМХ ва содироти мол** | 0,53 | Миёна | Мустақим | - |
| **СМХ ва воридот** | 0,95 | Пуртаъсир | Мустақим | + |
| **СМХ ва сатҳи шуғли аҳолӣ** | 0,82 | Пуртаъсир | Мустақим | + |
| **СМХ ва ҳосилнокии меҳнат (ММД ба як нафар машғулин)** | 0,15 | Камтаъсир | Мустақим | - |
| **СМХ ва музди кор ба ҳисоби миёна дар як моҳ** | 0,89 | Пуртаъсир | Мустақим | + |
| **СМХ ва маблағгузории фонди оинномавӣ** | 0,80 | Пуртаъсир | Мустақим | + |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси гузаронидани таҳқиқотҳои назаравиявӣ ва таҷрибавӣ. Формулаи зерин аз маълумотҳои ҷадвал ҳисоб карда шудааст[2].

Маълумоти ҷадвал барои баровардани баъзе хулосаҳо имкон медиҳад:

1. Коэффисиенти ҳамбастагӣ ҳамон адад аст, ки дараҷаи зичии вобастагии байни омили таъсиррасон (х) ва нишондиҳандаи тағйирёбандаро (у) ифода мекунад ва дар доираи тарҳи 1 (-1) то ҷамъи 1 (+1) тағйир меёбад ва дар ҳеҷ сурат маънои ниҳоии худро қабул намекунад. Дар ҳолати сатҳи баланди зичии алоқамандӣ вай ба як наздик мешавад. Агар коэффисиенти ҳисобшуда байни 0,1-0,3 қарор гирад, дар ин маврид, вобастагии х ва у - миёна, 0,3-0,5 - муътадил, 0,5-0,7 – назаррас, яъне хеле калон ва 0,7-0,9 – пуртаъсир ба ҳисоб меравад.

2. Байни маҷмуи СМХ-и андӯхташуда ва рушди ММД робитаи мустақим вуҷуд дорад. Афзоиши СМХ ба рушди ММД мусоидат мекунад ва дар навбати худ, инкишофи иқтисод миқёсу ҳаҷми фаъолияти сармоягузориро муайян менамояд. Ба фикри муҳаққиқ, СМХ ва ММД ду тарафи раванди ягонаи истеҳсолот буда, таъсири нишондиҳандаҳои дахлдор ҷанбаи дуҷониба дорад. Аз ин лиҳоз, сармоягузорони хориҷӣ ҳамкориро бо Тоҷикистон, ки дар суръати муътадил нигоҳ дошта мешавад ва дурнамои хуби рушди иқтисод дар назар аст, афзалтар медонанд.

---

[2] Коэффисиентҳои ҳамбастагӣ дар асоси формулаи зерин ҳисоб шудаанд:

$$r = \frac{\sum xy - \frac{\sum x \sum y}{n}}{\sqrt{[\sum x^2 - \frac{(\sum x)^2}{n}][\sum y^2 - \frac{(\sum y)^2}{n}]}},$$

ки дар ин ҷо:

$r$ – коэффисиенти ҳамбастагӣ;

$x$ – сармоягузории мустақими хориҷии андӯхташуда;

$y$ – аломат – омили таъсиррасон (маблағ) ё аломати андӯхташуда;

$x^2$ – арзиши умумии СМХ андӯхташуда;

$y^2$ – маҷмуи бузургии тағйирёбанда.

3. Воридоти СМХ дар таъсиси ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ ва музди кор ба ҳисоби миёна дар як моҳ нақши муҳим мебозад. Тоҷикистон аз рӯи нишондиҳандаҳои дахлдор дар кишварҳои ИДМ яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол мекунад ва ба ин, рушди умумии иқтисод дар давраи таҳлилшуда сабаб шуда метавонад. Таъсири корхонаҳои муштаракро низ қайд кардан лозим аст, ки дар онҳо дараҷаи афзоиши музди кор назар ба тамоми мамлакат ва дигар корхонаҳои ватанӣ хеле баланд аст. Натиҷаҳои ҳисобкунии дар рафти тадқиқот бадастомада ин мулоҳизаро тасдиқ мекунанд.

Дар баробари ин, ба андешаи мо, хосияту миқёси сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ҳоло барои ба омили асосии бунёди ҷойҳои нави корӣ табдил додани онҳо имконият намедиҳанд, гарчанде ки ба афзоиши иқтидори истеҳсолӣ ва баланд бардоштани дараҷаи умумии шуғли аҳолӣ мусоидат мекунанд.

4. Бар хилофи чашмдошт вобастагии мутақобилаи байни нишондиҳандаи ҳосилнокии меҳнат (ММД ба ҳар нафар машғулин) ва сармоягузории мустақими хориҷии андӯхташуда камтаъсир аст. Дар ин маврид омили СМХ бесамар аст ва наметавонад ҳамчун манбаи инноватсияҳои технологӣ баромад кунад. Эҳтимол дорад, ки ба самаранокии хароҷоти меҳнат манфиатдор набудани сармоягузорони хориҷӣ ҷиҳати ҷойгиронии истеҳсолоти инноватсионӣ дар ҷумҳурӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Байни афзоиши СМХ ва маҷмуи гардиши хориҷии мол низ робитаи зич мушоҳида мегардад. Бар замми ин, робитаи байни сармоягузориҳои хориҷӣ ва ҳаҷми амалиёти содиротӣ миёна (0,53) ва воридотӣ - пуртаъсир (0,95) тавсиф мешавад. Инро маълумоти таҳлили муодилаи регрессивии содироту воридот тасдиқ мекунанд.

Ҳукумати ҷумҳурӣ дар солҳои охир барои беҳтар намудани фазои институтсионалӣ, ташаккули заминаи ташкилию ҳуқуқии пешбурди сармоягузорӣ ислоҳоти назаррасро амалӣ кард. Шурои ҳамоҳангсоз ва сохторҳои дахлдори ташкилӣ таъсис ёфтаанд, ки барои беҳтар шудани муҳити сармоягузорӣ ва танзими фаъолияти сармоягузорӣ корҳои муҳимро созмон медиҳанд.

Низоми сармоягузории ҷумҳурӣ дар айни замон ба қадри кофӣ озод ба назар мерасад ва тамоми шаклҳои сармоягузориро фаро мегирад. Барои ҳам сармоягузорони ватанӣ ва ҳам хориҷӣ дар асоси принсипи бетабъизу баробарии ҳуқуқ якхела тадбирҳои ҳимоя, имтиёзҳои андозӣ, гумрукӣ ва дигар имтиёзҳо пешниҳод мешаванд.

Ҳамзамон, сарфи назар аз комёбиҳои мусбат дар ҷолибияти мамлакат барои сармоягузории хориҷӣ камбудиҳои зиёде мавҷуданд, ки асосан ҷанбаи институтсионалӣ дошта, дар навбати аввал, ба қонунгузории пастсифат, проблемаҳои татбиқи ҳуқуқ, қайду сабти соҳибкорӣ, иҷозатномадиҳӣ, коррупсия ва дигар омилҳои ғайриқтисодӣ иртибот мегиранд.

Ба андешаи муаллиф, барои баланд бардоштани самаранокии ҷалби сармоягузории хориҷӣ пешбурди ислоҳоти институтсионалӣ аз рӯйи самтҳои зерин зарур дониста мешавад:

- такмили механизми ҳамоҳангсозии фаъолияти сохторҳои мухталиф ва дигар ҷонибҳои манфиатдор оид ба пешбурди сармоягузорӣ, таҳкими иқтидори онҳо барои таъмини истифодаи самараноки сармояи хориҷӣ;

- ба таври возеҳ муайян намудани моҳияти категорияи сармоягузории хориҷӣ дар қонунгузорӣ ва тадбирҳои сиёсат, таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ба як низоми ягона овардани он ҷиҳати бартараф намудани тафсири нобаробар дар ҳуҷҷатҳои гуногун;

- рафъи проблемаҳои татбиқи ҳуқуқ, таъмини риояи талабот ва меъёрҳои қонунгузорӣ ва сиёсат дар соҳаи сармоягузории хориҷӣ;

-ташкили низоми ягона ва самараноки «Равзанаи ягона», сода ва арзон кардани арзиши расмиёту қоидаҳои қайдгирии амвол, соҳибкорӣ ва низоми иҷозатномадиҳӣ,

бартараф кардани таъсири омилҳои субъективӣ дар раванди сармоягузорӣ зимни истифода аз низоми электронии пешниҳод ва баррасии иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои бақайдгирию иҷозатномадиҳӣ ва сертификатҳо барои фаъолияти сармоягузории хориҷӣ;

- пешгирии табъйизи (дискриминатсия) воридоти сармоягузории хориҷӣ ба бахши кишоварзӣ бо роҳи васеъ ва такмил додани таҷрибаи андӯхташуда дар соҳаи истифодаи қитъаҳои замин аз ҷониби сармоягузорони хориҷӣ ҷиҳати зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ;

- таҳия ва татбиқи барномаи мушаххас барои бартараф сохтани инҳисор (монополия) бо иштироки давлат дар сохаҳои муҳимтарини иқтисоди миллӣ, ки дар айни замон барои сармоягузорони хориҷӣ пӯшида мебошанд.

**Дар боби сеюм – «Сиёсати сармоягузорӣ ва механизми танзими раванди сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** моҳияти сиёсати сармоягузорӣ, принсипҳо, самтҳои афзалиятноки он, механизми танзими раванди сармоягузорӣ шарҳ дода шуда, роҳҳои тақвияти таъсири воситаҳои он ба зиёд кардани ҳаҷм ва суръати маблағгузории бахши воқеии иқтисодиёт ва соҳаҳои инфрасохторӣ иброз гардидаанд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ сиёсати сармоягузорӣ ҳамчун ҷузъи нисбатан мустақили на фақат сиёсати иқтисодии дохилӣ, балки сиёсати иқтисодии хориҷӣ баррасӣ шудааст, ки тавассути он давлат ҳамкориҳои муфидро бо мамлакату созмонҳои байналмилалию минтақавӣ, ширкату ташкилотҳои сармоягузорӣ оид ба ҷалби захираҳои молиявӣ ба иқтисоди миллӣ, ҷойгиронӣ ва истифодаи самараноки онҳоро дар қаламрави кишвар вусъат медиҳад. Сиёсати мазкур дар асоси принсипҳои холисияту воқеият (объективнокӣ), муттасилӣ, ҳатмӣ будан ва самаранокӣ татбиқ мегардад.

Ҳангоми татбики принсипҳои мазкур механизми танзими раванди сармоягузорӣ аҳаммияти аввалиндараҷаро соҳиб мебошад. Лекин дар адабиёти иқтисодӣ як қатор шарҳу тавсифҳои умумии механизм вомехӯранд, вале муҳтавои иқтисодӣ, мавқеъ ва нақши он дар инкишофи иқтисоди мамлакат возеҳ баён наёфтааст, ки бешубҳа, барои баҳсҳо боис мегардад.

Ба андешаи муаллиф, механизми танзими сармоягузории хориҷӣ ҳамчун зуҳуроти серҷанба баромад мекунад. Дар низоми механизми иқтисодӣ ба вай ҳамчун воситаи самараноки иҷрои ҳадафҳои стратегии мамлакат баҳо дода мешавад. Аз мавқеи методикаи танзими давлатӣ, таҳия ва амалӣ гардонидани сиёсати иқтисодии вай чун механизми ҷалби сармоя ва идораи раванди сармоягузорӣ шинохта мешавад.

Аз ин лиҳоз, механизми сармоягузорӣ ин маҷмуи робитаҳои иттилоотӣ ва санадҳои меъёрӣ мебошанд, ки муносибатҳои вобаста ба ташкилу танзими раванди сармоягузорӣ ва ҳавасмандгардонии онро дар мамлакат ифода менамояд.

Барои амалӣ гардонидани талаботи мазкур интихоби дастаи пурраи воситаҳои имконпазири танзим зарур дониста мешавад, ки он як қатор унсуру воситаҳои меъёрии ҳуқуқӣ, молиявӣ ва ташкилиро дар бар мегирад. Сохтори механизми танзими раванди сармоягузорӣ, унсуру воситаҳои он дар расми 2 оварда шудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамин унсуру воситаҳои танзим ба ҳар ҳол истифода мешаванд. Лекин дар айни ҳол таъсири онҳо ба фаъолияти сармоягузорӣ, зиёд кардани маблағгузории бахши воқеӣ, инфрасохтори истеҳсолию рақамӣ ва сабз ба дараҷаи кофӣ намебошад. Аз ин лиҳоз, такмили фаъолияти сармоягузорӣ, дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии маҷмуи талабот нисбати сармоягузорӣ ҳамчун яке аз вазифаҳои муҳимми сиёсати иқтисодии давлат бояд дар назар дошта шавад.

| Механизми танзими раванди сармоягузорӣ | |
|---|---|
| Унсурҳои механизми сармоягузорӣ | Воситаҳои механизми сармоягузорӣ |
| Ояндабинӣ | Меъёрӣ – ҳуқуқӣ |
| Нақшагирӣ | Молиявӣ |
| Танзим | Ташкилӣ |
| Дастгирию ҳавасмандгардонии талабот ба сармоя | Назорат |

**Расми 2. Сохтори механизми танзими раванди сармоягузорӣ**
**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф дар асоси таҳлили маводи мавҷуда таҳия шудааст.

Дар рисола, ҳамчунин, таъкид шудааст, ки афзоиши маблағ барои бахши иҷтимоӣ, аз ҷумла марказҳои илмӣ, донишгоҳҳо ва дигар қисматҳои инфрасохтор зарур дониста мешавад. Самаранокии ин сармоягузориҳо на бо фоиз, балки аз рӯйи таъсири он ба рақобатпазирии иқтисоди миллӣ бо назардошти хароҷоти соҳаҳои алоқаманд ва таъсири беруна баҳо дода мешавад.

Аз ин лиҳоз, беҳтар намудани фаъолияти сармоягузорӣ, дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии маҷмуи талаботи сармоягузорӣ бояд яке аз вазифаҳои муҳимми сиёсати иқтисодии давлат дониста шавад.

Ҳалли ин масъалаҳо танҳо дар сурати муносибати муназзам ба ташаккул ва такмили ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ имконпазир аст. Бояд дар назар дошт, ки татбиқи самараноки ҳар кадоми онҳо танҳо дар ҳолати хеле инкишофёфтаи дигар унсурҳо ва воситаҳои танзим имконпазир мегардад. Ин, пеш аз ҳама, ба воситаҳои танзимкунанда, молиявӣ ва ташкилӣ дахл дорад.

Таъкид карда мешавад, ки рушди раванди сармоягузорӣ ба таҳкими танзими давлатии ташаккул ва истифодаи самараноки маблағгузорӣ, ислоҳоти ҷиддии низоми молиявӣ, таъсиси институти кафолатҳои давлатӣ ва самаранокии сармояи хориҷӣ дар модернизатсияи иқтисодиёт вобаста мебошад. Аз ин рӯ, татбиқи сиёсати давлатии сармоягузорӣ ва такмили механизми он ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати иқтисодии давлат дониста мешавад.

Воситаи муҳимми танзими раванди сармоягузории хориҷӣ созишномаҳои байналмилалии сармоягузорӣ (СБС) ба шумор меравандд. Тоҷикистон иштирокчии зиёда аз 50 СБС, аз ҷумла созишномаҳои дуҷонибаи сармоягузорӣ мебошад, ки онҳо тадбирҳои мушаххасро оид ба ҳавасмандгардониву ҳимояи сармоягузорон фаро мегиранд.

Баробари афзоиши шумораи СБС муносибатҳои байни давлату сармоягузорон, байни худи мамлакатҳо, аз ҷумла байни кишварҳои маблағгузору маблағгиранда (донору ресипиент) сол то сол мураккаб мегардад. Дар ин соҳа масъалаҳое ҷамъ омадаанд, ки дар сатҳи байналмилаливу миллӣ ҳалли худро тақозо мекунанд.

Таҳлили созишномаҳои байналмилалӣ собит месозад, ки онҳо: якум, мувофиқати манфиатҳои давлатҳои мутараққӣ ва мамлакатҳои дорои иқтисоди гузаришро таъмин намекунанд; дуюм, барои сармоягузории корпоративии (хусусии) мамлакатҳои

маблағгузор шароити мусоидро фароҳам оваранд ҳам, бо вуҷуди ин, имконияти кишварҳои дигарро (ресипиентро) дар бобати пешбурди сиёсати мустақилонаи сармоягузории хориҷӣ маҳдуд месозанд; сеюм, ба ҳавасмандсозиву содагардонии тартиби сармоягузорӣ нисбатан кам аҳаммият медиҳанд; чорум, ба содиркунандагони сармоя бо мақсади ҳимояи амнияти миллӣ ва соҳаҳои стратегӣ имкон медиҳанд, ки усулҳои нави назорату тафтишотро ҷорӣ карда, мақомоти махсуси назоратӣ таъсис диҳанд, ки ин ба амалисозии нияти кишварҳои дигар дар бобати ҷалби маблағҳои берунӣ монеъ мешавад.

Муаллиф бартараф намудани камбудиҳои дар низоми миллию байналмилалии сармоягузорӣ мавҷуд буда ва тақвият додани ислоҳоти низоми сармоягузории хориҷиро аз рӯи самтҳои зерин зарур мешуморад:

- ба талаботи рушди устувор мувофиқ намудани меъёри созишномаҳои байналмилалии сармоягузорӣ;
- ташаккул додани механизми мониторинг ва назорати раванди ҳавасмандсозию содагардонии тартиби сармоягузорӣ;
- мутобиқ намудани манфиатҳои ҷомеа, давлат, сармоягузорон, сохторҳои соҳибкорӣ ва шахсони инфиродӣ, ташаккул додани муносибатҳои нави ҳамкории онҳо;
- таъмини мутобиқати меъёрҳои қонуну санадҳои ҳуқуқии миллию созишномаҳои байналмилалии сармоягузорӣ, зикр намудани масъулияти иҷтимоии мамлакатҳои маблағгузор ва ширкатҳои онҳо дар созишномаҳои эътирофшудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мукаммал сохтани таҳкурсии меъёрию ҳуқуқии ниҳоди (институти) шарикии давлату бахши хусусӣ, истифодаи бештари васеи механизми он дар соҳаҳои энергетика, сохтмон, аз ҷумла сохтмони роҳҳои автомобилгард ва дигар объектҳои инфрасохторӣ;
- таҳияи шаклу тартиби ҳисобгирии лоиҳаҳо, ташаккул додани фондҳои шарикии давлату бахши хусусӣ, аз ҷумла бо роҳи ҷалби захираҳои молиявии хориҷӣ ва манбаъҳои ғайрибуҷетӣ.

Тақвият додани ислоҳоти низоми миллию байналмилалии сармоягузории хориҷӣ аз рӯйи самтҳои номбаршуда, ба ақидаи муаллиф, ба ташаккул ёфтани заминаҳои зарурӣ барои вусъат додани шаклҳои хоҷагидории сармоягузорони хориҷӣ, баланд бардоштани самаранокии механизми танзими раванди сармоягузорӣ, пешниҳоди дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодии инкишофи мамлакат мусоидат хоҳад кард.

## ХУЛОСА

### Натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқот

1. Назарияи таҳқиқоти сармоягузориҳои хориҷӣ бо консепсияву ақидаҳои сершумор ва хулосаҳои гуногунмаъно асос меёбад, ки ин ба усулу технологияҳои мухталифи таҳлили моҳият ва арзёбии нақши онҳо дар таъмини рушди иқтисодӣ вобаста мебошад. Лекин сарфи назар аз консепсияву моделҳои сершумор шарҳи ягонаи моҳияти иқтисодии категорияи мазкур вуҷуд надорад. Баъзе консепсияҳо хосияти комплексӣ дошта, дигарҳо ба таҳқиқоти фақат ҷанбаҳои ҷудогонаи зерин бахшида шудаанд: а) таҳлили шаклҳои ташкилии сармоягузориҳои хориҷӣ, хусусиятҳои фаъолияти онҳо дар қаламравиҳои мушаххас; б) арзёбии дараҷаи таъсиррасонии СМХ ба иқтисоди мамлакатҳои содиркунанда ва қабулкунандаи сармоя; в) пешниҳоди тавсияҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи маблағгузории хориҷӣ [1-М], [2-М], [6-М].

2. Сармоягузории хориҷӣ ифодакунандаи ҳамон маблағи сармоя мебошад, ки аз ҷониби сароягузорони хориҷӣ мувофиқи мақсаду муҳлати муайян барои объектҳои моддию ғайримоддӣ бо тамоми шаклҳои он ва ба хотири ба даст овардани фоида (даромад), афзоиши маҷмуи маҳсулот, фурӯш, захираҳои молиявӣ ва дарёфти самараҳои дигар, ки на ҳамеша ба манфиати иқтисодӣ вобаста мебошанд, ҷудо карда мешаванд.

Сармоягузориҳои хориҷӣ ба аломатҳои зерин фарқ мекунанд: а) серамалиёт ва мувофиқи мақсад будани онҳо; б) бисёршаклии мақсаду соҳаҳои сармоягузорӣ; в) гуногунии манбаъҳои сармоягузорӣ; г) таваккалӣ будану муҳлатнокии онҳо [1-М], [2-М], [6-М].

3. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ (СМХ) аҳаммияти хосса доранд, зеро онҳо:

- хосияти дарозмуҳлату самти стратегӣ дошта, ба инкишофи иқтидори истеҳсолию содиротии кишвар, истеҳсолоти ивазкунандаи воридот, сармояи инсонӣ ва ҷалби технология, таъмини шуғли аҳолӣ таъсири мусбат мерасонанд;

- ба корхонаҳои маблағгиранда (ресипиент) имконияти дарёфти на фақат захираҳои молиявӣ, балки воридоти сармояи воқеиро дар шакли мошину таҷҳизот, технология, патент, иҷозатнома (литсензия), донишу таҷриба таъмин менамоянд.

Ба сармоягузории портфелӣ (ба истисноӣ вомбаргҳои давлатӣ) ҳаҷми ниҳоят хурд хос аст, ки мустақиман ба дараҷаи ғайрикофии инкишофи бозори фонд, номукаммалии механизми суғуртаи хавфҳо ва ғайришаффоф будани сохторҳои интишордиҳандаи коғазҳои қиматнок вобаста мебошад [3-М], [4-М].

4. Таҳлили таҷрибаи мамлакатҳои дунё, аз ҷумла Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) дар соҳаи ҷалби СМХ ва қувват додани иқтидори истеҳсолию илмӣ тавассути минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) ва бунёди паркҳои инноватсионию технологӣ нишон дод, ки сохторҳои мазкур: якум, вобаста ба шароити иқтисоду анъанаҳои институтсионалии ҳар кадом давлат ҳар хел фаъолият мекунанд; дуюм, дорои низоми имтиёзноку бебоҷи содироту воридоти мол буда, ба ислоҳи норасоии (камии) андӯхти дохилӣ ва баланд бардоштани истеҳсоли арзиши иловашуда, некуаҳволӣ ва шуғли аҳолӣ, ихтисоси кадрҳои маҳаллӣ дар қиёс ба минтақаҳои дигар мусоидат намуданд.

Ҳамзамон, инкишофи афзалиятноки МОИ ва паркҳои инноватсионию технологӣ боиси пеш омадани тафовути калон дар дараҷаи инкишофи сохторҳои мазкур ва минтақаҳои дигари мамлакат мегардад. Дар ҳолатҳои дигар рушди босуръати сармоягузории хориҷӣ, хусусан дар шакли сармоягузориҳои портфелӣ ва қарзӣ ба афзоиши сармояшавии (капитализатсияи) бозорҳои фондӣ ва қарзғунҷоиши иқтисод оварда расонд. Омилҳои мазкур ҳангоми истифодаи имконпазири таҷрибаи андӯхташуда дар шароити Тоҷикистон бояд ба инобат гирифта шаванд, чунки истифодаи механикию шитобкоронаи таҷрибаи бегона, ки дар дигар шароити институтсионалӣ самарабахшии худро нишон додааст, бе назардошти тамоми хусусиятҳои иқтисоди ҷумҳурӣ, институтҳои анъанавию муосири он қобили қабул намебошанд [5-М], [9-М].

5. Динамикаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми ду даҳсолаи охир тамоюли намоёни болоравиро нишон медиҳад. Аз рӯйи суръати афзоиш дар айни ҳол СМХ бартарӣ доранд ва болоравии ҳиссаи онҳо дар арзиши сармоягузориҳои андӯхташуда ба назар мерасанд. Вазни қиёсии сармоягузориҳои қарзӣ, гарчанде ки поён рафта бошад ҳам, то ҳол хеле назаррас боқӣ мемонад. Ба ин якчанд омилҳо, ки дар назарияҳои макроиқтисодии СМХ зикр ёфтаанд, сабаб шуда метавонанд, ки ба онҳо тааллуқ доранд: а) суботи иқтисодӣ; б) афзоиши даромади воқеӣ ва қобилияти харидории аҳолӣ; в) афзудани даромади буҷети давлатӣ, аз ҷумла аз ҳисоби андозҳо; г) ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ [3-М], [4-М].

6. Бештари сармояи хориҷӣ ба саноати истихроҷи маъдан ҷалб гардида, барои саноати маснуотбарорӣ ҳамагӣ 9 фоизи он ҷудо карда шудааст. Шарҳи таносуби мазкурро дар парадигмаи эклектикии олими англис Ҷ. Данинг ёфтан мумкин аст. Гумон меравад, ки сармоягузорони хориҷӣ QIL – бартариятҳоро дар захираҳои нисбатан фаровони Тоҷикистон мебинанд, ки онҳоро ҷиҳати маблағгузории истихроҷи маъдан, металлҳои

камёфт ва дигар соҳаҳои саноати кӯҳӣ ҳавасманд мегардонанд. Ин равандро дар мисоли бахши молиявии иқтисод, ки ҳиссаи он дар сохтори сармоягузории андӯхташуда қариб 32 фоизро ташкил медиҳад, низ дидан мумкин аст. Нисбати соҳаҳои дигар ба содирот ҳамчун усули бештар самараноки воридшавӣ ба бозори хориҷӣ тарҷеҳ дода мешавад.

Дар ин сурат сохтори соҳавии сармоягузории хориҷӣ метавонад самти ашёии иқтисоди миллиро дар оянда нигоҳ дорад, ки ин ба сиёсати саноатикунонии босуръат мувофиқат намекунад ва боиси ақибмонӣ дар соҳаи истифодаи технология ва истеҳсоли намудҳои нави маҳсулот мегардад. Аз ин рӯ, ҷоннок намудани СМХ ба соҳаҳои саноати маснуотбарорӣ боз ҳам афзалиятнок боқӣ мемонад [3-М], [4-М, [7-М].

7. Бо мақсади арзёбии нақши СМХ дар рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ коэффисиентҳои ҳамбастагӣ (коррелятсионӣ), ки дараҷаи таъсири мутақобили СМХ ва нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодиро ифода мекунанд, ҳисоб карда шудаанд. Натиҷаи таҳлили ҳамбастагӣ нишон дод, ки як қатор нишондиҳандаҳои макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СМХ-и андӯхташуда вобастагии зич доранд. Чунончи, робитаи мустақим байни СМХ-и андӯхташуда ва рушди ММД вуҷуд дорад. Афзоиши СМХ ба рушди ММД мусоидат мекунад ва дар навбати худ, инкишофи иқтисод миқёсу ҳаҷми фаъолияти сармоягузориро муайян менамояд. Ба фикри мо, СМХ ва ММД ду тарафи раванди ягонаи истеҳсолот буда, таъсири нишондиҳандаҳои дахлдор ҷанбаи дуҷониба дорад. Аз ин лиҳоз, сармоягузорони хориҷӣ ҳамкориро бо Тоҷикистон, ки дар суръати муътадили рушд нигоҳ дошта мешавад ва дурнамои хуби рушди иқтисод дар назар аст, афзалтар медонанд [3-М], [4-М, [9-М].

8. Байни воридоти СМХ ва сатҳи шуғли аҳолӣ, музди кор ба ҳисоби миёна дар як моҳ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ низ вобастагии мустақиму пуртаъсир мушоҳида мешавад. Аз рӯйи нишондиҳандаҳои дахлдор Тоҷикистон дар қатори кишварҳои ИМД яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол мекунад, ки ба ин афзоиши умумии иқтисод ва натиҷаҳои мусбати фаъолияти корхонаҳои муштарак сабаб шуда метавонанд. Лекин хосияту миқёси сармоягузориҳои хориҷӣ ҳоло ба омили асосии бунёди ҷойҳои нави корӣ табдил додани онҳо имконият намедиҳанд, гарчанде ки ба афзоиши иқтидори истеҳсолӣ ва баланд бардоштани дараҷаи шуғли аҳолӣ мусоидат мекунанд.

Бар хилофи чашмдошт вобастагии мутақобила байни СМХ ва ҳосилнокии меҳнат (ММД ба ҳар нафар машғулин) қариб ҷой надорад. Омили СМХ дар ин ҳолат камтаъсир аст ва наметавонад манбаи инноватсияҳои технологӣ баромад кунад. Эҳтимол дорад, ки ба ҳосилнокии хароҷоти меҳнат манфиатдор набудани сармоягузорони хориҷӣ ҷиҳати ҷойгиркунии истеҳсолоти инноватсионӣ дар ҷумҳурӣ таъсири манфӣ мерасонад [3-М], [4-М, [9М].

9. Вобастагии хеле баланд байни афзоиши СМХ ва маҷмуи гардиши мол мушоҳида мегардад. Бар замми ин, робитаи байни сармоягузориҳои хориҷӣ ва маҷмуи амалиёти содиротӣ миёна ва воридотӣ – пуртаъсир тавсиф мешавад. Инро маълумотҳои таҳлили муодилаи регрессивии содироту воридот низ тасдиқ мекунанд. Бо вуҷуди ин, коэффисиентҳои зичи алоқамандӣ сатҳи баланди таъсиррасонро ба нишондиҳандаҳои дахлдор ифода намекунанд ва фақат мувофиқ омадани тамоюли умумии инкишофи иқтисодиро тасдиқ мекунанду халос. Хосияти таъсиррасонӣ на фақат дар асоси миқёс, балки аз рӯйи шаклу сохтори соҳавӣ ва минтақавии СМХ, ки барои рушди иқтисод ва такмили сохтори он, ҷорӣ намудани технологияҳои нав ва бунёди соҳаҳои инноватсионӣ заминаи моддӣ муҳайё месозанд, муайян карда мешавад [3-М], [4-М], [9-М].

10. Иқтисоди ҷумҳурӣ ва низоми сармоягузории он дар айни замон босуботу озод ба назар мерасанд. Барои ҳам сармоягузорони ватанӣ ва ҳам хориҷӣ дар асоси принсипи

бетабъизу баробарии ҳуқуқ якхела тадбирҳои ҳимоя, имтиёзҳои андозӣ, гумрукӣ ва дигар бартариятҳо пешниҳод мешаванд. Ҳамзамон, сарфи назар аз комёбиҳои мусбат дар ҷозибнокии мамлакат барои сармоягузории хориҷӣ камбудиҳои зиёде мавҷуданд, ки асосан ба омилҳои институтсионалӣ вобаста буда, дар навбати аввал, ба проблемаҳои татбиқи ҳуқуқ, қайду сабти соҳибкорӣ, иҷозатномадиҳӣ, коррупсия ва дигар омилҳои ғайрииқтисодӣ иртибот доранд. Бинобар ин, пешбурди ислоҳоти институтсионалӣ яке аз вазифаҳои муҳимми сиёсати иқтисодии давлат дар назар дошта мешавад [3-М], 4-М], [9-М]

11. Сиёсати ҷории сармоягузории хориҷӣ, бешубҳа, ба ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ ва ҷалби ҳаҷми нисбатан калони сармоя мусоидат намуд. Лекин вай ба талаботи нигоҳ доштани иқтидори муътадили сармоягузорӣ, таъмини боздеҳи ҳадди аксар аз маблағҳои воридшуда, бартараф намудани номутаносибӣ дар сохтори соҳавӣ ва минтақавии СМХ он қадар мувофиқат намекунад. Ҳамаи ин зарурати таҳия ва амалисозии сиёсати нави сармоягузориро тасдиқ мекунад. Сиёсати мазкур ба принсипҳои холисияту воқеият (объективӣ), муттасилӣ, ҳатмӣ будан ва самаранокӣ асос ёфта, ба шароити бозаргонӣ ҷавобгӯ ва ба дарёфти натиҷаҳои ниҳоӣ, яъне баланд бардоштани нақши СМХ дар ҳалли ҳадафҳои стратегии кишвар, устуворсозии мавқеи он дар бозорҳои минтақавию ҷаҳонӣ нигаронида шуда бошад [3-М], [4-М], [7-М].

12. Дар доираи татбиқи сиёсати мазкур ва принсипҳои он механизми танзими раванди сармоягузорӣ аҳаммияти аввалиндараҷа касб мекунад. Низоми танзими ҷалби бардавоми сармоягузориро ба иқтисоди миллӣ дар ҳаҷми пешбининамудаи нақшаҳои ҷорӣ ва дарозмуддати давлатӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ таъмин намуда, як қатор унсуру воситаҳои меъёрию ҳуқуқӣ, молиявӣ ва ташкилиро дар бар мегирад. Дар таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон воситаҳои мазкур ба ҳар ҳол истифода мешаванд, лекин таъсири онҳо ба фаъолияти сармоягузорӣ, зиёд кардани маблағгузории инфрасохтори истеҳсолию рақамӣ ба дараҷаи кофӣ намебошад. Барои ҳалли масъалаҳои мазкур: якум, таъмини муносибати системавӣ ба ташаккул додану такомули тамоми воситаҳои танзим лозим дониста мешавад, чунки истифодаи самараноки ҳар яки онҳо фақат дар ҳолати вазъи хеле мутараққии ҳамаи воситаҳои танзим имконпазир аст; дуюм, пешбурди ислоҳоти ҷиддии низоми молиявию кредитӣ, бунёди институтҳои кафолати давлатӣ ва суғуртаи хавфҳо, таъмини самаранокии баланди истифодаи маблағҳои воридшуда зарур аст; сеюм, такмил додани механизми ҳамкории давлату сармоягузорон, сохторҳои соҳибкорӣ, шахсҳои инфиродӣ ва дигар иштирокдорони лоиҳаҳои сармоягузорӣ, таъмини мувофиқати манфиату фаъолияти онҳо [7-М], [8-М], [9-М].

13. Воситаи муҳимми танзими раванди сармоягузории хориҷӣ Созишномаҳои байналмилалии сармоягузорӣ (СБС) ба шумор мераванд, ки тадбирҳои мушаххасро оид ба ҳавасмандгардониву ҳимояи сармоягузорӣ фаро мегиранд. Таҳлили СБС собит месозад, ки онҳо: а) мувофиқати манфиатҳои давлатҳои содиркунандаи сармоя ва маблағгирандаро таъмин намекунанд; б) барои сармоягузорони корпоративии (хусусии) мамлакатҳои гурӯҳи якум шароити мусоидро фароҳам оварда, имконияти кишварҳои дигарро дар бобати пешбурди сиёсати мустақилонаи сармоягузории хориҷӣ маҳдуд месозанд; в) ба ҳавасмандсозиву содагардонии татбиқи сармоягузорӣ нисбатан кам аҳаммият медиҳанд.

Бартараф намудани камбудиҳои мазкур, ба талаботи рушди устувор мувофиқ намудани меъёри СБС, тақвият додани ислоҳоти низоми байнамилалии сармоягузорӣ тақозо мекунад, ки ин ба вусъат додани шаклҳои хоҷагидории сармоягузорони хориҷӣ, баланд бардоштани самаранокии механизми танзими фаъолияти маблағгузорӣ мусоидат хоҳад кард [5-М], [4-М], [8-М], [9-М].

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо**

1. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар сохтори сармоягузориҳои хориҷии дар иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон андӯхташуда номутаносибии возеҳ байни соҳаҳои истихроҷи маъдан ва маснуотбарорӣ, минтақаҳои нисбатан пешрафта ва ноҳияҳои сусттараққикардаи кӯҳистон, содироту воридоти сармояи хориҷӣ ба иқтисоди мамлакат ташаккул ёфтааст. Бартараф кардани номутаносибиҳои мазкур амалисозии тадбирҳои зеринро тақозо мекунад [3-М], [7-М], [4-М]:

- ба роҳ мондани истеҳсоли молҳои мобайнӣ, маснуоти комплектсозӣ, қисмҳои эҳтиётӣ. Дар сурати ворид кардани молҳои маълум аз хориҷи кишвар самараи коркарди ашёи хому маҳсулоти кишоварзӣ дар қиёс бо нақшаҳои дарназардошта чандон хуб нест;

- ба ноҳияҳои кӯҳистон равона кардани сармояи хориҷӣ, аз ҷумла СМХ, ҷиҳати дар заминаи боигариҳои табиӣ бунёд кардани комплексҳои санаторию курортӣ, сайёҳӣ, инкишофи кӯҳнавардӣ, истеҳсоли маҳсулоти косибӣ, заргарию тухфаҳо ва масолеҳи бинокорӣ;

- ташаккули механизми воридшавии Тоҷикистон ба бозори молиявии ИДМ. Дар назар дошта мешавад, ки баробари ҳамроҳ шудани ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ, аз ҷумла Осиёи Марказӣ, Авруосиё, ки ҳоло аз он берун мондаанд, мубориза барои азнавтақсимкунии сармоягузориҳо тақвият меёбад. Аз ин рӯ, ҳарчи зудтар ва дар муддати кӯтоҳ муайян кардани бартариятҳои нисбии ҷумҳурӣ дар рақобат барои воситаҳои молиявӣ дар фазои баъдишуравӣ лозим дониста мешавад. Вагарна, ҷумҳурӣ аз ҷараёни ҳаракати сармоя дар минтақа берун мемонад.

2. Ҷиҳати баланд бардоштани ҷозибанокии мамлакат барои ҷалби сармояи хориҷӣ пешбурди ислоҳоти институтсионалиро аз рӯйи самтҳои зерин зарур донистан мумкин аст [3-М], [7-М], [4-М]:

- такмили механизми ҳамоҳангсозии фаъолияти сохторҳои мухталиф ва дигар ҷонибҳои манфиатдор оид ба пешбурди сармоягузорӣ, таҳкими иқтидори онҳо барои таъмини истифодаи самараноки сармояи хориҷӣ;

- ба таври возеҳ муайян намудани моҳияти категорияи сармоягузории хориҷӣ дар қонунгузорӣ ва тадбирҳои сиёсат, ба як низоми ягона овардани санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи мазкур ҷиҳати бартараф намудани тафсиру шарҳи нобаробари онҳо дар санадҳои нормативӣ (меъёрӣ);

- рафъи проблемаҳои татбиқи ҳуқуқ, таъмини риояи талаботу меъёрҳои қонунгузории сармоягузорӣ;

- таъмини ҳифзи сармоягузорони хориҷӣ бо роҳи сода кардани расмиёти қоидаҳои қайдгирии амвол, соҳибкорӣ, иҷозатномадиҳӣ, арзон кардани арзиши онҳо, бартараф кардани таъсири омилҳои субъективӣ;

- ташаккули бозори мукаммали коғазҳои қиматнок, механизми самараноки кафолати давлатӣ, суғуртаи хавфҳо, таъмини шаффофияти сохтору ширкатҳои интишордиҳандаи коғазҳои қиматнок;

- таҳия ва татбиқи барномаи мушаххаси бартараф кардани инҳисори (монополияи) давлат дар соҳаҳои иқтисод, ки дар айни замон барои сармоягузорони хориҷӣ пӯшида мебошанд;

- пешгирии табъйизи (дискриминатсияи) ҷалби сармояи хориҷӣ ба соҳаи кишоварзӣ бо роҳи такмилу татбиқи васеи таҷрибаи андӯхташуда дар соҳаи истифодаи қитъаҳои замин.

3. Ба мақсади мукаммал сохтани механизми танзими раванди сармоягузорӣ ва тақвият додани таъсири воситаҳои он ба зиёд кардани маблағгузории инфрасохтори

истеҳсолию рақамӣ амалисозии чорабиниҳои зерин ба мақсад мувофиқ аст [7-М], [8-М], [9-М]:

- таъмини муносибати системавӣ ба ташаккул додану такомули такони воситаҳои танзими раванди сармоягузорӣ;
- пешбурди ислоҳоти молиявию кредитӣ, васеъ кардани шабакаи институтҳои кафолати давлатӣ, суғуртаи хавфҳо тавсиаи маҳсулоти молиявӣ ва сифати он;
- такмил додани механизми ҳамкории давлату сармоягузорон, сохторҳои соҳибкорӣ, шахсҳои инфиродӣ ва дигар иштирокдорони лоиҳаҳои сармоягузорӣ, таъмини мувофиқату танзими манфиату фаъолияти онҳо;
- мукаммал сохтани таҳкурсии меъёрию ҳуқуқии ниҳоди (институти) шарикии давлату бахши хусусӣ, истифодаи самараноки механизми он дар соҳаҳои стратегию инфрасохторӣ;
- дар соҳаи танзими байналмилалии сармоягузории хориҷӣ масъалаҳои зерин ҳалталаб мебошанд [7-М], [8-М], [9-М];
- ба талаботи рушди устувор мувофиқ намудани меъёри созишномаҳои байналмилалии сармоягузорӣ (СБС);
- ташаккул додани механизми моноторинг ва назорати раванди ҳавасмандсозию содагардонии тартиби сармоягузорӣ;
- мутобиқати меъёрҳои қонуну санадҳои ҳуқуқии ҷумҳурӣ ва СБС, зикр намудани масъулияти иҷтимоии мамлакатҳои маблағгузору ширкатҳои онҳо дар созишномаҳои байналмилалии эътирофшудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

4. Натиҷаҳои илмӣ ва тавсияҳои муаллиф имкон доранд аз ҷониби мақомоти ҳокимият ва сохторҳои илмию тадқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилотӣ ҳангоми ҳалли масъалаҳои зерин истифода шаванд:

- таҳияи лоиҳаҳои қонунҳои ҳарсолаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи буҷети давлатӣ, ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сармоягузорӣ, шарикии давлату бахши хусусӣ;
- мушаххас кардани барномаҳои инкишофи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инвеститсияҳои давлатӣ, грантҳо ва кумаки техникӣ барои солҳои 2023-2025;
- таҳияи барномаву китобҳои дарсӣ оид ба масоили иқтисоди байналмилалӣ, ташкили барномаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳо;

5. Инкишофи минбаъдаи таҳқиқоти проблемаи сармоягузорӣ аз рӯйи самтҳои зерин: а) робитаи мутақобилаи назарияҳои муосири сармоягузории хориҷӣ ва амалияи ҷалби сармоя бахши иттилоотию коммуникатсионӣ; б) нақши СМХ дар таъмини саноатикунонии босуръат ва ташаккули иқтидори инноватсионии Тоҷикистон; в) омилҳои институтсионалӣ ва нақши онҳо дар соҳаи баланд бардоштани самаранокии сармоягузориҳои хориҷӣ.

### Феҳристи интишороти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ

**А) Мақолаҳо дар маҷаллаҳо ва нашрияҳои тақризшаванда:**

**[1-М]** Сафаров, А.А. Ҷанбаҳои назариявии ташаккули сармоягузорӣ ҳамчун омили рушди иқтисодӣ [Матн ба забони тоҷикӣ] / А.А. Сафаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: ДМТ, 2018. – № 11. – С. 26-29 (0,30 ч.ч). ISSN 2413 - 5151

**[2-М]** Сафаров, А.А. Баъзе масъалаҳои назариявии омӯзиши афзоиши сармоягузории мустақими хориҷӣ [Матн ба забони тоҷикӣ] / А.А. Сафаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: ДМТ, 2019. – № 10. – С. 125-129 (0,40 ч.ч.). ISSN 2413 - 5151

**[3-М]** Сафаров, А.А. Таҳлили рушди сармоягузории мустақими хориҷӣ дар Тоҷикистон [Матн ба забони тоҷикӣ] / А.А. Сафаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: ДМТ, 2019. – № 10/1. – С. 212-218 (0,55 ҷ.ч.). ISSN 2413 - 5151

**[4-М]** Сафаров, А.А. Таҳлили омилҳои таъсиррасон ба ҷараёни ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсиркунанда [Матн ба забони тоҷикӣ] / А.А. Сафаров, М.С. Содиқов // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе: ДДМИТ, 2020. – № 2. – С. 68-76 (0,70 ҷ.ч.). ISSN2663 - 0389

**[5-М]** Сафаров, А.А. Таҷрибаи ҷаҳонии ташаккул ва рушди сармоягузории мустақими хориҷӣ [Матн ба забони тоҷикӣ] / А.А. Сафаров, М.С. Содиқов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Душанбе: ДМТ, 2020. – № 9. – С. 67-72 (0,40 ҷ.ч.). ISSN 2413 - 5151

**[6-М]** Сафаров, А.А. Баъзе ҷанбаҳои назариявии таҳқиқоти афзоиши сармояи хориҷӣ [Матн ба забони тоҷикӣ] / А.А. Сафаров, М.А. Саидмуродова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Душанбе: ДМТ, 2021. – № 6. – С. 20-26 (0,55 ҷ.ч.). ISSN 2413 – 5151

**Б) Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаи маводи конфронсҳо.**

**[7-М]** Сафаров, А.А. Самтҳои афзалиятнок ва роҳҳои такмили сармоягузории мустақими хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн ба забони тоҷикӣ] / А.А. Сафаров // Маводи конфронси илмӣ-назариявии устодону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бахшида ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (2020-2040). (13-18 апрели соли 2020). Душанбе, 2020. – С. 204-206 (0,20 ҷ.ч.).

**[8-М]** Сафаров, А.А. Такмили механизми ҷалби сармоягузорӣ ба иқтисодиёт [Матн ба забони тоҷикӣ] / А.А. Сафаров // Маводи конфронси байналмилалии илмӣ-амалии «Тоҷикистон дар низоми муосири муносибатҳои байналмилалии молиявӣ ва қарзӣ» (26 ноябри соли 2021). Душанбе: DSFEU, 2021. – С. 543-546 (0,30 ҷ.ч.).

**[9-М]** Сафаров, А.А. Нақши сармоягузории мустақими хориҷӣ дар таъмини рушди иқтисоди кишвар [Матн ба забони тоҷикӣ] / А.А. Сафаров, И.Р. Иброҳимзода // Маводи конфронси илмӣ-амалии «Татбиқи ҳадафҳои рушди устувор: таҷрибаи хориҷӣ ва ватанӣ» (13 октябри соли 2020). Душанбе, 2020. – С. 36-40 (0,40 ҷ.ч.).

ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

*На правах рукописи*

**УДК:339.7(575.3)**
**ББК:65.9(2Т)**
**С-21**

**САФАРОВ АБДУМАЛИК АБДУСАТТОРОВИЧ**

# РОЛЬ ПРЯМЫХ ИНОСТРАННЫХ ИНВЕСТИЦИЙ В ЭКОНОМИЧЕСКОМ РАЗВИТИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**АВТОРЕФЕРАТ**
диссертации на соискание учёной степени
кандидата экономических наук по
специальности: 08.00.13 – Мировая экономика

Душанбе - 2024

Диссертация выполнена на кафедре мировой экономики Таджикского национального университета.

**Научный руководитель:** **Саидмуродова Малика Абдувахобовна** - кандидат экономических наук, доцент кафедры мировой экономики Таджикского национального университета

**Официальные оппоненты:** **Мирсаидов Аврор Бобоевич** - доктор экономических наук, профессор, заместитель директора Института экономики и демографии национальной Академии наук Таджикистана

**Солиева Хилола Шодиевна** - кандидат экономических наук, доцент кафедры экономики и управления филиала ДМТТ «МИСиС» в г. Душанбе

**Ведущая организация:** **Технологический университет Таджикистана**

Защита диссертации состоится на заседании Диссертационного совета 6D.КОА-004 при Таджикском национальном университете «28» сентября 2024 года, 09:00 часов по адресу: 734025, г. Душанбе, ул. Буни Хисорак, Студенческий городок, учебный корпус 8, ауд. 102; e-mail: shuro_004@mail.ru, телефон ученого секретаря: (+992) 918788938

С диссертацией можно ознакомиться в Центральной научной библиотеке и на официальном сайте Таджикского национального университета (www.tnu.tj).

Автореферат разослан «____» _________ 2024 г.

**Ученый секретарь диссертационного совета, доктор экономических наук, доцент** **Шамсов И.С.**

## ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность темы исследования.** В системе первоочередных мер по достижению стратегических задач страны, предусмотренных Национальной стратегией развития на период до 2030 года, особое внимание уделяется как можно большему привлечению иностранного капитала. Для Республики Таджикистан это приобретает особое значение, если учесть, что:

во-первых, сегодняшний уровень внутренних накоплений не соответствует потребностям в капиталовложениях для ускоренной индустриализации страны, технологической модернизации промышленности и других секторов реальной экономики;

во-вторых, приток зарубежных инвестиций создаёт предпосылки для экономического роста, чему способствуют следующие факторы: а) увеличение объёма финансовых ресурсов, изменение их качественного состава; б) привлечение в страну передовых технологий, ноу-хау и управленческого опыта; в) повышение квалификации местной рабочей силы и создание новых рабочих мест; г) укрепление связей отечественных предприятий с их зарубежными партнёрами, в том числе путём развития научно-технической и производственно-технологической кооперации;

в-третьих, поступление средств из-за рубежа открывает путь для перестройки сырьевой структуры производства в направлении увеличения доли обрабатывающих отраслей.

Не случайно, многие страны мира, в том числе страны Содружества Независимых Государств (СНГ), находятся в условиях крайне жёсткой конкуренции за международные финансовые ресурсы в надежде на перераспределение части мирового дохода в свою пользу. К тому же следует отметить, что для эффективного привлечения капитала и для достижения связанных с ним выгод одной лишь либерализации явно недостаточно. Требуется ещё обеспечить благоприятный инвестиционный климат, что обуславливает необходимость разработки новой инвестиционной политики, адаптированной к рыночным условиям и направленной на повышение вклада прямых и иных инвестиций в решение стратегических задач развития страны, укрепление её позиции на региональных и международных рынках. Упомянутая политика должна соответствовать рыночным условиям и быть направлена на достижение конечных результатов, то есть увеличение доли прямых иностранных инвестиций (ПИИ) в решении стратегических целей страны, стабилизации ее положения на региональном и глобальном рынках. Все вышесказанное определяет актуальность темы диссертационного исследования.

**Степень изученности научной темы.** Современная экономическая наука накопила значительный опыт в исследовании проблем иностранных инвестиций, форм их осуществления и роли в экономическом развитии разных стран. Существенный вклад в разработку этих проблем внесли следующие зарубежные учёные: Б. Александер, Х. Бирман, Р. Вернон, С. Вильямс, Дж. Даннинг, Э. Доллан, И. Иверли, Дж.М. Кейнс, Ч. Кинделбергер, Р. Коуз, М.К. Кассон, Д. Линдсей, Р. Нарула, С. Люмей, Ф. Нурксе, М. Познер, М. Портер, Ч. Рейли, Ф.Дж. Фаббоцы, С. Хаймер, У. Шарп, С. Шмидт, Й. Штейн и другие.

Широкий круг вопросов, связанных с инвестированием капитала в иностранную экономику, формированием инвестиционной политики, благоприятного климата для привлечения зарубежных вложений, механизма регулирования инвестиционного процесса нашёл отражение в трудах учёных России и других стран Содружества: А. Багмановой, М. Веслогузовой, Н. Вознесенской, Ф. Газизулина, А. Завгородной, Л.

Игониной, А. Киреева, В. Ковалева, Н. Киселева, Л. Мухетдинова, Т. Наумовой, Н. Парменова, С. Перникова, Б. Сапарова, Н. Соловьевой, Ч. Тупикиной, Ю. Федорова, Р. Хасбулатова и других.

В экономической литературе Республики Таджикистан различные аспекты иностранных инвестиций, в том числе прямые иностранные инвестиции (ПИИ), анализируются в монографических работах и научных статьях Н. Каюмова, Ф. Кодирзода, Т. Назарова, Р. Рахимова, С. Рахмонова, Т. Ризокулова, А. Сафоева, Х. Салиевой, Х. Умарова, К. Хушвахтзода, Х. Хофизова, Б. Шарипова и других.

Вопросы привлекательности Республики Таджикистан для зарубежных инвесторов, формирования инвестиционного климата, роли ПИИ в системе внешнего финансирования открытой экономики рассмотрены в работах У. Абдуллоева, Т. Ганиева, Ф. Гаффорова, К. Давлатзода, Г. Зувайдуллоевой, З. Иматшоева, Н. Ибодова, С. Исвалиева, Х, Исайнова, М. Каримовой, С. Комилова, Н. Курбонова, Д. Кандиёровой, П. Мухсиновой, Р. Мирбобоева, А. Мирсаидова, Б. Музаффарова, Б. Набиева, Т. Низомовой, А. Розикова, Г. Расулов, Р. Раджабова, Ш. Рахими, А. Солиева, А. Солехзода, Л. Саидмурадова, М. Саидмуродовой, М. Собирова, Б. Сафарова, С. Сафаров, Ф. Сайдахмадова, Ё. Тилабова, К. Убайдзода, Т. Файзуллоева, Д. Ходжаева, Х. Ходжаева, Х. Ходиева, Г. Джурабоева и других.

Вклад зарубежных и отечественных авторов в экономическую науку по проблематике иностранных инвестиций позволяет судить об актуальности исследуемой проблемы. Вместе с тем необходимо отметить, что ряд теоретических и практических вопросов применительно к рыночной трансформации национальной экономики не нашёл должного отражения в экономической литературе. Это относится, в частности, к проблемам, посвящённым: а) критическому анализу теорий и концепций, разъясняющих содержание иностранных инвестиций, в том числе ПИИ, возможностям объяснения характера изменений в динамике и структуре внешних вложений на основе целого ряда факторов, упомянутых в этих теориях; б) анализу взаимосвязей между состоянием экономики страны и притоком инвестиций в страну; в) исследованию значимости ПИИ для экономики, степени их влияния на макроэкономические показатели развития страны; г) формированию инвестиционной политики, адаптированной к рискам и вызовам нашего времени; д) обеспечению системного подхода к совершенствованию механизма регулирования инвестиционного процесса и его инструментов; е) оптимизации структуры иностранных инвестиций, нахождению наилучшего варианта их распределения между секторами экономики и регионами республики.

Наличие этих и других нерешённых вопросов в области исследования роли иностранных инвестиций, прежде всего ПИИ, в развитии экономики, их влияния на динамику макроэкономических показателей при возрастающей значимости внешних вложений обусловило выбор направления диссертационной работы, её цель, задачи и структуру.

